Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

4 марти
соли 2015,
чоршанбе,
№10 (989)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ПИРӮЗӢ МУБОРАК!



саҳ. 2

**ИНТИХОБОТИ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ рӯзи 1 марти соли 2015 дар фазои ором бо иштироки фаъолонаи ҳамватанонамон баргузор шуд. Раванди ин рӯйдоди муҳими сиёсиро 525 нафар нозирони байналмилалӣ мушоҳида карданд.**

## БОНУВОНИ АЗИЗ, ИД МУБОРАК!




*Рӯзи модар аз ҷашнҳои фархундаест, ки ҳар сол мардуми Тоҷикистон онро бо як меҳру муҳаббати хоса таҷлил мекунанд.*

*Иди хуҷастаи Шумо, бонувони меҳрубон дар рӯзҳое фаро расид, ки кишвари азизамон пас аз баргузории интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар як рӯҳияи фараҳбахш қарор доранд.*

*Воқеан, Шумо модарон ва хоҳарон ба унвони қишри фаъоли ҷомеа дар ин рӯйдоди барои Тоҷикистон ва ҳар кадоме аз мо шаҳрвандони ин кишвар муҳим, саҳми боризи худро гузоштед.*

*Иди Шумо, огози баҳор аст, ки файзу таровати тоза дорад. Орзу мекунем, ки он боиси саодату хушбахтиҳои тоза барои Шумо модару хоҳарони азиз бошад.*

**Раёсати КИМ ҲХДТ**

Мусоҳиба

### Роғун: Гунаҳкорон ва ҷабрдидагон



саҳ. 6

Мулоҳиза

### Даъвогарони ҳақ аз аҳли ҳақ нестанд



саҳ. 8

Доғи рӯз

### «ҚАРЗИ ПАДАРӢ» Ё НАҚЗИ ҲУҚУҚИ ФАРЗАНД?



саҳ. 10

Ҳушдор

### КОРРУПСИЯ - унсури таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ



саҳ. 11

# ПИРӮЗӢ МУБОРАК!

саҳ. 1

Дар интихоботи 1 марти соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои интихоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ баргузор шуд, ҲХДТ пешсаф аст.

Ҳамчуноне Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён 2 март дар як нишасти хабари зимни эълони натиҷаҳои пешакии интихоботи парлумонӣ дар ин бора иттилоъ дод, аз рӯи маълумоти пешакӣ дар ҷараёни интихобот аз шумораи умумии интихобкунандагон, ки 4 миллиону 319 ҳазору 395 нафаранд, 3 миллиону 791 ҳазору 727 нафар (87,7%) интихобкунандагон иштирок намуда, ба тарафдории Ҳизби Аграрии Тоҷикистон 450 ҳазору 275 нафар (11,8%), Ҳизби Демократии Тоҷикистон 64 ҳазору 547 нафар (1,7%), Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон 288 ҳазору 308 нафар (7,6%), Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон 87 ҳазору 112 нафар (2,3%), Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон 58 ҳазору 28 нафар (1,5%), Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон 210 ҳазору 3128 нафар (5,5%), ба тарафдории Ҳизби Сотсиал-Демократии Тоҷикистон 18 ҳазору 875 нафар (0,5%) ва ба тарафдории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 2 миллиону 472 ҳазору 267 (65,2%) овоз доданд.




Дар интихоботи парлумонии Тоҷикистон намояндагони 8 ҳизби сиёсии кишвар-Ҳизби Аграрии Тоҷикистон, Ҳизби Демократии Тоҷикистон, Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон, Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби Сотсиал-Демократии Тоҷикистон ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Мувофиқи рӯйхатҳои пешниҳоднамудаи ҳизбҳо дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ 103 нафар ва дар 41 ҳавзаи интихоботии якмандатӣ 185 номзад ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳамин тариқ, ба Парлумони кишвар намояндагони 4 ҳизби сиёсӣ Ҳизби Аграрии Тоҷикистон бо 3 номзад, Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон бо 2 номзад, Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон, бо 1 номзад ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо 16 номзад аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ роҳ ёфтанд.

Ба палатаи поёнии парлумон 41 вакил аз ҳавзаҳои якмандатии интихобот ва мувофиқи рӯйхатҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот 22 нафар вакил, ҷамъ 63 нафар интихоб мешаванд.

Санаи 1 март Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба участкаи интихоботии рақами 15-и ҳавзаи интихоботии рақами 2-и ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт ташриф оварда, ба ҷонибдории ҳизб ва номзадҳои интихобнамудаи худ овоз дод.

Ташрифи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба участкаи интихоботии мазкур ва овоздиҳии ӯ дар ҳузури нозирони сершумори байналмилалӣ ва намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои сиёсию ҷамъиятӣ ҷараён гирифт.

Тавре аён гардид, дар интихоботи навбатии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ сокинони маҳаллаи Маҳмадулло Холови ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт, ки участкаи рақами 15 дар он қарор дорад, чун ҳамаи мардуми кишвар басо фаъол буданд.

Дар ҳамин ҳол роҳбари ҳайати нозирони Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо /САҲА/. Миклош Ҳарасти низ зимни ибрози назар дар мавриди ин руйдоди муҳими сиёсӣ ба хабарнигорон гуфт, ки интихоботи парлумонӣ дар Тоҷикистон дар фазои орому субот баргузор гардид.

Ӯ рӯзи 2 март доир ба мушоҳидаҳои ҳайати нозирони дарозмуддати САҲА аз ҷараёни интихоботи парлумонӣ дар Тоҷикистон гузориши нахустини худро пешниҳод намуда афзуд: -Дар зарфи якуним моҳ ҳайати нозирони дарозмуддати САҲА ба 41 ҳавзаи интихоботии якмандата оид ба баргузории интихоботи парлумонӣ сафар карда, ҷараёни омодагӣ ва баргузории ин чорабинии муҳими сиёсиро назорат карданд.

Роҳбари ҳайати нозирони САҲА зикр кард, ки дар ҷараёни баргузории интихоботи парлумонӣ дар Тоҷикистон баъзе норасоиҳо мушоҳида гардиданд, ки онҳоро метавон дар оянда бо роҳи гузаронидани ислоҳот бартараф намуд.

## СЕРГЕЙ ЛЕБЕДЕВ:

# Интихоботи Тоҷикистон шаффоф буд

**Раиси Кумитаи иҷроия-дабири иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои мустақил (ИДМ) Сергей Лебедев рӯзи 2 март дар ҷараёни конфронси матбуотӣ гуфт:-Интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар фазои демократӣ, озод, шаффоф ва мутобиқ ба талаботи қонунгузории ин кишвар баргузор гардид.**

**С.Лебедев дар ин нишаст, ки пас аз эълони натиҷаҳои пешакии интихобот аз сӯи Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, афзуд: Гуруҳи нозирони кишварҳои аъзои ин иттиҳод, ки барои назорат аз раванди интихоботи парлумонӣ дар Тоҷикистон қарор доранд камбудии ҷиддӣ дар ҷараёни тайёрӣ ва ҳангоми райъдиҳӣ ба қайд нагирифтаанд.**

**Ба гуфтаи вай дар ҳайати гурӯҳи нозирони кишварҳои аъзои ин иттиҳод 257 нозир аз 9 кишвар шомил буда, дар маҷмӯъ онҳо раванди интихоботро шаффоф арзёбӣ мекунанд.**

С.ЮСУФ



**ДУШАНБЕ. Соати 6 - и субҳ ба қитъаи интихоботии № 2 ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт, воқеъ дар толори мактаби таҳсилоти умумии № 8 омада, онро пур аз одамони хушҳол дидем. Масъулини комиссия, муаллимону роҳбарони мактаб ва муассисаҳои дигари ноҳия ба фаъолият оғоз карданд. Нозирони маҳаллӣ ва байналмилалӣ дар ҷойи худ қарор дошта, мухбирони Шабакаи аввали Телевизиони Тоҷикистон сабти гузориши худро оғоз намуда буданд. Нахустин шуда мӯйсафеди барнодил, сокини маҳалла ба раъйдиҳӣ шурӯъ намуд. Пас аз ба қуттӣ партофтани варақаҳо, комиссияи интихоботӣ ба ӯ гулдаста супорида, табрик намуд.**

# Тидей МАРИЕТТА: ТОҶИКОН МАРДУМИ ЗИНДАДИЛАНД

**Нозири байналмилалӣ аз САҲА Тидей Мариетта аз масъулини комиссияи ҳавзаи интихоботии №2 ҷавобҳои қонеъкунанда гирифт ва бо табассуми зебо арзи сипос кард. Мусоҳибаи мо аз ҳамин оғоз ёфт:**

***- Муҳтарам Тидей Мариетта, табассуми шуморо хеле самимӣ дарёфтем. Мардуми тоҷик мегӯяд, ки одами чеҳрааш кушода дили софу беғаш низ дорад ва ҳамеша самимӣ аст. Фикру андешаҳои шумо аз нахустин лаҳзаҳои интихобот чӣ гуна аст?***

-Ташаккур. Хулосаҳои худро рӯзи душанбе баён хоҳем кард. Ҳоло ҳаминро гуфта метавонам, ки фаъолияти кори комиссияи интихоботӣ дар ин қитъа хуб ташкил карда шудааст. Аъзои комиссия дар хусуси ин маъракаи сиёсӣ ҳама маълумоти заруриро доранд ва мувофиқи қойида амал мекунанд. Айни замон, ки интихобот аз соати 6.00 оғоз шуд, ҳама кор мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ сурат гирифт.

Инчунин хонум Т.Мариетта зикр намуд, ки аслан аз Италия мебошад ва ин сафари сеюми ӯ ба Тоҷикистон аст, аз ҷумла, ӯ дар интихоботи президентӣ ҳам иштирок карда буд. Ин дафъа фаъолияти ӯ рӯзи панҷшанбе оғоз шудааст. Дар ин муддат бо роҳбарияти КМИР ва 8 ҳизби номнависшуда суҳбат дошт. Ба саволҳои мо дар хусуси баҳои ӯ ба ҷараёни омодагӣ ба интихобот ва таассурот аз Тоҷикистонро чунин иброз намуд:

- Корҳои ташкилӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Тоҷиконро чун мардуми зиндадил дӯст медорам, мусиқии тоҷикӣ ба ман писанд аст.

***-Дар интихоботи гузашта рӯҳияи идона доштани мардум дар ин маъракаи сиёсӣ ба бархе писанд набуд. Фикри шумо дар ин бора чист? Ва хусусияти фарққунандаи тоҷиконро дар интихобот дар чӣ мебинед?***

-Фикр намекунам, ки ин мушкилӣ бошад. Муҳимаш ин аст, ки вай ба меъёрҳои байналмилалӣ мухолиф нест. Масъулин нисбат ба интихобкунандагон дилсӯзанд. Хушам омад, ки ба нахустин шаҳрванди ба интихобот омада-як мӯйсафеди барнодил гул супориданд. Интихобкунандагон бо табъи шод ба қитъаҳои интихоботӣ меоянд. Ин хуб аст.

**Фикри Олег Восняк - нозири байналмилалӣ аз Белорусия низ мусбат буд:**

-Дар ҷараёни интихобот ҳама қойидаҳо иҷро мешаванд. Дар ин лаҳзаҳо ягон камбудӣ намебинам.

**Алексей Трофимов, намояндаи сафорати ИМА** аз посух худдорӣ намуда, маслиҳат дод, ки баъдан ба хадамоти дахлдори сафорат муроҷиат намоем. Ба ҳар ҳол ин тааҷҷубовар аст, ки нозирони ҳама минтақҳо фикру мулоҳизаи худро рӯйирост мегӯянд, вале намояндаи Амрико, ки демократияро фарзанди маънавии худ медонад, хомӯширо ихтиёр намуд.

**Бибисоро Кабирова, - нозир аз ҲНИТ аз оғози кори интихобот чунин гуфт:**

-Аввали кор алъон хуб аст. Чизе ки ин субҳ дар шаҳр сахт ба ман писанд омад, дар посгоҳҳо милитсионерон бо табассум истода, салом медиҳанд. Дар давраи омодагӣ дар корҳои тарғиботи ҳизб иштирок доштам, дар ҳама ҷо мардум моро хуб қабул доштанд, вале бо афсӯс назар мекарданд.

**Тоҳир Гулов, намояндаи ҲХДТ аз ифтитоҳи маърака қаноатмандӣ изҳор намуд:** - Оғози кор хуб аст, комиссия кори худро дар вақташ оғоз намуд, интихобкунандагонро хуб пешвоз гирифтанд, алъон кор хуб ҷараён дорад.

**Ҳокимшоҳ Зиёев, раиси комиссияи интихоботии ҳавзаи интихоботии №2 ба суолҳои мо чунин посух дод:**

-Интихобот маъракаи муҳимтарини сиёсии кишвар буда, омодагӣ ба он беш аз як моҳ идома ёфт. Ба масъулини гузаронидани маърака дастурҳои зарурӣ дода шуд. Дар ин давра ҷамъ 1896 нафар интихобкунандагонро ба рӯйхат гирифтанд, аз ҷумла, 96 нафар ба рӯйхати иловагӣ ворид гардиданд. Номи онҳо дар варианти электронӣ мавҷуд аст ва дар лавҳа сабт шудаанд. Ҳар касе хоҳиш дорад, онро санҷида мебинад. Комиссия муайян намуд, ки 25 нафар бори аввал райъ медиҳанд. Инчунин 25 нафар бемори барҷомондаанд. Пас аз пешин аъзои комиссия бо қуттии хурд ба манзили онҳо мераванд ва онҳо низ раъйи худро медиҳанд.

***

Ба Ситоди марказии интихоботии КИМ ҲХДТ назар намудем. Ҳанӯз аз субҳи барвақт кормандони масъули Дастгоҳи марказӣ машғули кор буданд. Руҳияи баланд ҳукмфармост. Ҳамоҳангсози Ситоди марказӣ Насим Расулов хабар дод, ки бо тамоми ситодҳои вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ дар алоқаи телефонӣ ва интернетӣ ҳастем. Дар ҳама қитъаҳои интихоботӣ кор шурӯъ гаштааст ва интихобкунандагон хеле фаъоланд. Оид ба натиҷаҳои интихобот, ҳама аъзои ситод изҳор намуданд, ки аксарияти кулли мардуми шарифи Тоҷикистон раъйи худро ба ҷонибдории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон медиҳанд.

***

Дар қитъаи интихоботии №33 воқеъ дар толори Донишкадаи давлатии санъат соати 10 субҳ аллакай мавҷи одамон паси ҳам омадан мегирифтанд. Ҳамоно чеҳраҳои кушодаи интихобкунандагон ба дилҳо фараҳу рӯшноӣ мебахшид. Махсусан ҷолиб он буд, ки роҳбарони донишкада профессорон Д.Латипов, Р.Амиров, М.Турсунова ва дигар устодон аз субҳ дар хидмат буда, тибқи меҳмондории тоҷикӣ ҳар як нафари омадаро гарму ҷӯшон истиқбол намуда, гусел менамуданд.

**Раиси комиссияи қитъавӣ профессори ДДСТ Бозорбой Холов хабар дод, ки аллакай беш аз 30% интихобкунандагон раъйи худро додаанд.**

-Сабаби иштироки фаъолонаи интихобкунандагонро дар ҳолатҳои зерин мебинам, - чунин шарҳ дод Б.Холов: - Дар пайи талошҳои давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ сол то сол зиндагӣ беҳтар мешавад, ободонии пайвастаи худи пойтахт ва бархурдор гаштани сокинони он аз шароитҳои беҳтар ва имтиёзҳои нав ба нав, боварӣ ба ояндаи нек. Ҳамчунин, аз ҷониби комиссияи интихоботӣ дар маҳаллаҳои истиқоматӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ дар сатҳи баланд сурат гирифта буданд. Дар ин кор устодон ва муҳассилини Донишкада саҳми калон гузоштанд. Дар натиҷа, мардум бо масъулияти олӣ ва сарҷамъона барои интихоби ояндаи худ омаданд.

Нозири ҲХДТ Мусаллама Саидова иброз намуд, ки интихобот ба таври шаффоф мегузарад. То соати 10-00 аз 1015 интихобкунанда, беш аз 330 нафар ҳозир шудаанд, ки ин натиҷаи хеле баланд аст. Ин шаҳодат медиҳад, ки устодону донишҷӯёни Донишкадаи санъат кори комиссияи интихоботиро хуб ташкил кардаанд. Нозири ҲНИТ Муҳаммадӣ Орзуев низ ин фикрро ҷонибдорӣ карда гуфт, ки интихобот шаффоф мегузарад ва алъон тинҷӣ ҳукмфармо буда, барои раъй додани сокинони пойтахт ягон монеа вуҷуд надорад. Намояндаи ҲХДТ дар интихобот Абдураҳмон Ғуломов низ аз дурустии кори комиссия ва ҷараёни интихобот изҳори қаноатмандӣ намуд.

Диққати моро он ҷиҳат ба худ ҷалб кард, ки дар ин қитъа низ нозирони байналмилалӣ зиёд буданд ва ҳама аз кори комиссия шод буданд. Намояндагони САҲА шодона назар мекарданд, вале аз ибрози андеша худдорӣ намуда, гуфтанд, ки хулосаҳои худро дар дафтари кории САҲА изҳор медоранд. **Раиси ҳайати нозирони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Дабири Кумитаи иҷроияи ИДМ Сергей Лебедев** бо камоли майл ба суолҳои мо посух дод:

-Ба фикри ман интихобот ба таври муташаккил ва дар сатҳи хуб мегузарад. Андешаи нозирони САҲА аз Дания ва Шветсия, ки ҳоло суҳбат доштем, ба ин мувофиқ аст. Муваффақияти интихоботро дигаргуниҳои азими мусбат дар ҷумҳурӣ, такмили қонунгузорӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ кардани он таъмин менамояд. Хуш буд ба мо мушоҳида кардани он, ки ҳанӯз аз субҳи барвақт мардум бо умед ба қитъаҳои интихоботӣ меомаданд ва дар баробари пирон ҷавонон ва занҳо низ фаъол буданд. Муносибати аъзои комиссия ба интихобот, нисбат ба пирон ва занҳо, умуман ба ҳама эҳтиром зоҳир намудани онҳо шоистаи таҳсин аст. Аъзои комиссия ба ҷавонони бори аввал ба интихобот омада гул супорида, табрик менамоянд, ки ин ҳолати муассир интихоботро барои онҳо як ҳодисаи фараҳбахш ва рӯҳафзо мегардонад. Инчунин, ширкати нозирони зиёди байналмилалӣ ва ҳизбҳои ҷумҳурӣ ҳолати хуб буда, ҳамаи онхо ба ҷараёни интихобот баҳои мусбат медиҳанд. Ин баёнгари дурустии кори интихобот аст.

**Аз Сергей Лебедев пурсон шудем, ки бархе намояндагони аҳзоби сиёсӣ ва рӯзноманигорон дар интихоботҳои пешина дар Тоҷикистон истифодаи мактабҳо ва муаллимонро дар ҷараёни ин чорабинии муҳими сиёсӣ нодуруст меҳисобиданд. Оё ин воқеият дорад ва таҷрибаи дигар давлатҳо чӣ гуна аст?**

-Ин таҷриба комилан дуруст аст. Одатан дар ҳама кишварҳои ИДМ ва дигар давлатҳо низ интихобот дар биноҳои ба ҳамагон дастрас - мактабҳои миёнаву олӣ, муассисаҳои фарҳангӣ ва ғайра мегузарад. Дар кори комиссия бояд онҳое иштирок кунанд, ки аҳолиро хуб медонанд. Аз ҷумла, муаллимони мактаб бо волидони хонандагон пайваста дар муомила ҳастанд, суроғаи онҳоро медонанд ва муносибати боэътимод доранд. Аз ин рӯ ташкили кори чунин маъракаи муҳими сиёсӣ низ аз ҷониби онҳо дуруст сурат мегирад…

Аз мушоҳида ва суҳбатҳо як соат сипарӣ шуд ва раиси комиссияи қитъавӣ Б.Холов хабар дод, ки теъдоди интихобкунандагон аллакай аз 40 дарсад гузаштааст.

Бардошти мо низ аз ифтитоҳи ин маъракаи муҳимтарини кишвар хуб буд. Мардуми Тоҷикистон барои панҷ соли минбаъда роҳи худро ихтиёр менамояд. Тавре аз нақшаҳои кории Ҳукумат ва барномаи амали Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маълум аст, кишвари мо ба зинаи навбатии рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисод ва фарҳанг равона мегардад. Умед мекунем, ки интихобкунандагон роҳи дурусти рушд ва номзадҳои арзандаи худро интихоб менамоянд.

**Ҷ. ҚУДДУС**


Тидей МАРИЕТТА



Минбари халқ
4 марти соли 2015,
№10 (989)

# ИНТИХОБИ

## Гузориши хабарнигорони ҳафтанома аз ҷараёни баргузории интихобот дар минтақаҳои ҷумҳурӣ

**ҶАББОР РАСУЛОВ.** Тибқи иттилои раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷ.Расулов Мавлонқул Бойтемиров ба маъракаи навбатии интихобот баробари дигар ҳизбҳои сиёсӣ ба монанди ҳизби коммунисту аграрӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ аз ҲХДТ 40 номзад ба Маҷлиси ноҳиявии вакилони халқ, 4 номзад ба Маҷлиси вилоятӣ ва 1 номзад ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шудаанд.

Маъракаи интихобот дар 40 ҳавзаи ноҳиявию 4 ҳавзаи вилоятӣ ва 1 ҳавзаи ҷумҳуриявию 43 участкаи интихоботӣ баргузор шуданд.

Дар участкаи интихоботии №5, ки ин ҷо ҳамчунин ҳавзаи интихоботии №5 ҷойгир буд, маъракаи овоздиҳӣ ба ҷонибдории номзадҳои арзандаи халқ субҳи барвақт бо садои мутантани карнай оғоз гардид. Аввалин шуда мавқеи худро дар ин маъарака собиқадори меҳнат Ҳабибулло Ҷабборов ва донишҷӯи ДДХ Озода Умарова муайян карданд, ки дуюмӣ бори нахуст дар ин интихобот



иштирок мекард.

Зимни суҳбат ҳарду ҳам гуфтанд, ки ба тарафдории номзадҳо аз ҲХДТ овоз доданд. Чун сабаб пурсидем, собиқадори меҳнат чунин гуфт:

-Дар умри беш аз 80 солаам, дар чунин маъракаҳо бисёр иштирок кардам. Як рӯз муқаддам аз интихобот хуб андеша кардам, ки пагоҳ ба тарафдории кӣ овоз диҳам. Яке ба хотирам расид, ки зиндаёд вакили халқ Нӯмонҷон Мараҷабов 4 даъват аз ҳавзаи мо депутати Маҷлиси ноҳиявӣ интихоб шуда, ба халқ содиқона хизмат кард. Вай узви ҲХДТ буд. Баъди фавташ халқ писари ӯ Низомҷонро, ки ӯ ҳам аъзои ҲХДТ аст, ба Маҷлиси ноҳиявӣ якдилона пешниҳод кард. Ман шахсан ба ӯ овоз додам. Бовар дорам, ки узви ҳизби пешбари ҷомеа шуда, боварии халқу ҳизбро сазовор мегардад.

Ёдовар мешавем, ки дар ноҳияи Ҷ.Расулов 97 941 нафар интихобкунанда ба қайд гирифта шуда буданд. Тибқи иттилои комиссияи ноҳиявии интихобот соати 10.00 аллакай 55 фисади интихобкунандагон дар ин маъракa иштирок карда буданд. Ширкати фаъолонаи мардум хусусан дар ҷамоати деҳоти Тоҷикобод назаррас буд, ки соати 10.00. 90 фисади овоздиҳандагон раъй доданд.

Маъракаи интихобот дар ноҳияи ба номи Ҷ.Расулов бо иштироки 87,2 фоизи интихобкунандагон анҷом ёфт.

**ХУҶАНД.** Дар маркази маъмурии вилояти Суғд-шаҳри Хуҷанд интихобот дар фазои озоду демократӣ гузашт. Овоздиҳӣ муташаккилона аз соати 6-и субҳ дар тамоми 64 участкаҳои интихоботӣ оғоз гардид.

Дар шаҳри Хуҷанд 98 720 нафар интихобкунанда ба қайд гирифта шуда, 1922 нафари онҳо бори аввал дар интихобот иштирок карданд.

Сокинони маркази вилоят мебоист 40 нафарро ба Маҷлиси вакилони шаҳри Хуҷанд, 7 нафарро ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд ва 1 нафарро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намоянд.

Бино ба гуфти раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд Наим Маликисломов дар ин маъракаи сиёсӣ бо қарори конференсияи ҳизбӣ 48 нафар номзад аз ҲХДТ барои соҳиб шудан ба мандати депутатӣ пешниҳод кунанд. Ҳамчунин намояндагони ҳизбҳои аграриву коммунист ва ислоҳоти иқтисодиву сотсиал-демократ низ барои соҳиб шудан ба мандати депутатӣ иштирок карданд.

Ба участкаи интихоботии № 23 шаҳрванди фахрии шаҳри Хуҷанд, собиқ депутати Шӯрои Олии СССР даъватҳои 8,9, 10 ва депутати Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон даъвати 11 **Мағфират Дадобоева субҳи барвақт омада мавқеи худро муайян кард:**

-Ман ба тарафдории ободии Тоҷикистони азиз, рушду нумӯъи он, ҳаёти осудаи сокинони кишвар ва фарзандону наберагон ва аберагон овоз додам,- гуфт ӯ,- ман бо чашми сар дида истодаам, ки Ватани маҳбуби мо то чӣ андоза рӯз аз рӯз тараққӣ мекунад. Мо-ку интихоб кардем, акнун навбати вакилон аст, ки дар Маҷлисҳои сатҳҳои гуногун барои ободии Ватан бо истифода аз мандатҳои депутатии худ саҳмгузор бошанд.

Мувофиқи маълумоти то соати 18.00 санаи 1 март дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ 84 ҳазору 595 нафар иштирок намуданд, ки он баробари 85,69 % аст.

**ПАНҶАКЕНТ.** Тавре аз комиссияи ноҳиявии интихобот иттилоъ доданд, дар 14 ҷамоати шаҳру деҳоти ноҳияи Панҷакент 134 ҳазору 983 нафар интихобунандагон ба қайд гирифта шуда буданд, ки аз ин миқдор 85,3 фисадашон дар маъракаи муҳими сиёсии навбатӣ ширкат варзида, мавқеи худро муайян карданд.

Масъулони баргузор намудани ин маърака 136 участкаи интихоботӣ ташкил намуданд, ки омодагиҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуданд.

Аз ҳизби пешбари ҷомеа-ҲХДТ ба Маҷлиси намояндагон 2 номзад, Маҷлисҳои вилоятӣ 7 ва ноҳиявӣ 39 нафар номзад пешбарӣ шуданд. Зимни суҳбат раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Панҷакент **Муродқул Шукуров иброз дошт**, ки интихобот дар шаҳри қадима бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣдар тамоми ҷамоатҳо баргузор шуд.

-Баробари намояндагони мо дар интихобот ҳамчунин номзадҳо аз ҳизбҳои коммунисту аграрӣ, ислоҳоти иқтисодиву наҳзати Ислом иштирок карданд,- гуфт М.Шукуров.

Зимни суҳбат интихобкунанда аз ҷамоати деҳоти ба номи Халифа Ҳасан, деҳаи Сӯфиён, раиси кумитаи маҳалла Насрулло Абдуллоев изҳор дошт, ки интихоботи навбатӣ дар ноҳия аз интихоботи соли 2010 бо иштироки фаъолонаи мардум, маърифати баланди ҳуқуқии аҳолӣ баргузор шуд:

-Халқ имтиҳони сахту ҷиддиро паси сар намуд, - гуфт Н.Абдуллоев, - акнун ба хубӣ сиёҳро аз сафед фарқ мекунад. Ман шахсан ба тарафдории номзадҳои ҲХДТ овоз додам. Зеро, ин ҳизб тӯли 20 соли фаъолияташ собит сохт, ки халқро раҳнамо ва орзуву омолашро ҷомаи амал пӯшонад.

Бино ба иттилои масъулони интихобот иштироки фаъолонаи аз ҳама баланди мардум бештар дар ҳавзаҳои интихоботи ҷамоатҳои деҳоти Саразми ба номи Лоиқ Шералӣ ва Халифа Ҳасан ба назар расид.

**РӮДАКӢ.** Чунин ҳузури пуршӯру фаъолонаи интихобкунандагонро ман дар даҳсолаҳои охир дар ин қитъаи интихоботӣ бори аввал медидам.

Участкаи овоздиҳии воқеъ дар мактаби № 47 ноҳияи Рӯдакӣ аз субҳи барвақт барои сокинони деҳаи Нилкон боз шуда, шароити лозимро барои 1859 нафар овоздиҳанда фароҳам карда буд.

Қитъаи овоздиҳӣ, ҳуҷраи интихоби номзадҳо ва хонапурии варақаҳои райъдиҳӣ беҳтар аз интихоботи гузашта такмил шуда буд.

**Неъмат Қодиров, яке аз масъулони ин қитъаи интихоботӣ бо ризоият аз раванди овоздиҳӣ ба мо гуфт:**

- Мо умедвори иштироки фаъоли ҳамдеҳагон дар ин тадбири муҳими сиёсӣ будем, вале аз саҳар ҳозир шудани ин миқдор овоздиҳандаро дар як вақт интизор надоштем.

Вай афзуд: - Мо аъзои комиссияи интихоботиро ба чанд гурӯҳ ҷудо карда, ба нақша гирифта будем, ки бо навбат омада вазифаи худро иҷро мекунанд, аммо якбора ба маҳалли овоздиҳӣ омадани мардум тақозо кард, ки тамоми аъзои ҳамзамон ба кор ҷалб кунем.

Ба эътиқоди ӯ, иштироки васеъ ва пуршӯри мардум дар овоздиҳӣ нишонаи боло рафтани огоҳии сиёсии ҷомеа ва дарки ахамияти ин тадбири муҳим аз сӯи овоздиҳандагон аст.

Воқеан, мардуме, ки ба ҳавзаи интихобот ҳозир мешуданд, нисбати овози худ бепарво набуданд ва кӯшиш мекарданд аз ҳар варақа ба номзади баргузида ва ҳизбҳои шомилшуда ба рӯихат овоз диҳанд.

Ба мушоҳида мерасид, ки ҳар овоздиҳанда аз қабл медонист, ба кӣ ва ба кадом ҳизб раъй бидиҳад.

Чанд нафар ҷавононе, ки бори аввал овоз медоданд, ба таври идона либос ба бар карда буданд ва пас аз ба қуттӣ партофтани варақаи овоздиҳӣ дар берун аз маҳалли ин чорабинӣ бо ҳаяҷон бо ҳам суҳбат карда таассуроти худро ба якдигар баён мекарданд. Яке аз ин ҷавонон мегуфт: - Ин рӯз барои ҳамеша дар хотирам хоҳад монд.

Намояндагони ҳизбҳои ширкаткунанда дар интихобот, нозирони мустақил, аъзои комиссияи интихобот ҳамагӣ аз рафти овоздиҳӣ қаноатманд буданд.

Аз дастгоҳи баландгӯ, ки дар як гӯшаи маҳалли баргузории ин чорабинӣ гузошта шуда буд, сурудҳои хушнаво садо дода, шукӯҳ ва шаҳомати ин чорабиниро бештар мекард.



# РОҲИ ДУРУСТ



...Вақте аз маҳалли интихобот берун мерафтам, бобои Маҳмадуллои Арабро дидам, ки низ асозанон ба сӯи участкаи интихоботӣ равон буд.

Пас аз салому алейк гуфт: - Шумо овоз дода баромадед? Ман акнун меравам. Барвақт аз хона баромаданӣ будам, ки меҳмон омад. Намешуд, ки ӯро дар хона гузошта берун равам. Дар умри 80-солаи худ боре ҳам аз чунин маъракаҳои сиёсӣ дур набудам. Дуо мекунем, ки ин интихобот ҳам, барои таъмини оромию тинҷӣ ва рушди кишварамон мусоидат кунад.

***

Дар ҳавзаи интихоботии №77 маҳаллаи Навбаҳори ноҳияи Рӯдакӣ, воқеъ дар бинои муассисаи таҳсилоти умумии №98 барои иштироки фаъолонаи сокинон ва дар сатҳи шаффофу демократӣ баргузор намудани ин маъракаи муҳими сиёсӣ тамоми шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда буд.

**Баҳром Ширинов, раиси участкаи интихоботӣ дар суҳбат чунин гуфт:** - Сокинони маҳалла бо иқдоми хуб дар ин маъракаи муҳим иштирок намуда, бо



як рӯҳияи нек ба фардои кишвар ба номзадҳои арзанда райъ доданд.

Дар ҳавзаи интихоботии рақами 77 маҳаллаи Навбаҳор 2400 нафар ба рӯйхат гирифта шуда буд, ки дар он 12 нафар ҷавонони синну соли 18-сола бори аввал дар интихобот иштирок карданд.

**Ҷумъахони Додарбекзода, ки бори якум дар интихобот ширкат варзидааст, ба мо гуфт:** - Ман аввалин бор дар интихобот ба тариқи хабарнома даъват шуда, ба номзади арзанда овоз додам. Бо чунин мақсад Нурмаҳмад Нуров ва Садоқати Абдуҳамид дар ин маъракаи сиёсӣ бори якум ширкат варзида, аз ҳуқуқи шаҳрвандии худ истифода бурда бо боварии комил ба Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон райъ додаанд.

Ҳар як интихобкунанда бо ҳисси баланд ва масъулиятшиносӣ дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ фаъолона иштирок карда, барои панҷ соли оянда номзади арзандаи худро интихоб намуданд.

**Ҷилванамо Одинамамадова, директори мактаби мазкур аз баргузории ин маъракаи муҳими сиёсӣ чунин изҳори андеша намуд:**

-Интихобот чорабинии сиёсӣ аст ва ҳар як шаҳрванд дар он бояд иштирок намуда, мавқеи шаҳрвандиашро нишон диҳад. Мо дида истодаем, ки давлати мо рӯз то рӯз пеш меравад ва корхонаву муассисаҳои таълимӣ сохта ба истифода дода мешаванд, ки ин ҳама маҳсули меҳнати пурифтихори Президенти кишварамон мебошад. Ман, албатта, бе ягон дудилагӣ ба Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон овоз медиҳам. Мо ҳамчун омӯзгор кӯшиш мекунем, ки насли наврасро дар рӯҳияи ифтихори миллӣ тарбият намоем ва онҳо барои ояндаи Ватани худ саҳмгузор бошанд.

**Инчунин омӯзгор ва сокини маҳаллаи Навбаҳор Идигул Ниёзова аз ҳуқуқҳои худ истифода бурда, дар интихоботиштирок намуд.**

-Аввалан ман ҳамчун омӯзгор имрӯзҳо шукронаи истиқлолият, шукронаи сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мекунам, ки мо дар чунин як давлати соҳибистиқлол умр ба сар бурда, кору фаъолият дорем ва ба тарбияи насли наврас машғулем. Мақсади ҳар яки мо барои иштирок дар интихобот аз он иборат мебошад, ки меҳоҳем ба ҳизби арзанда овоз диҳем, то ки Тоҷикистони азизи мо боз ҳам ободтару зеботар гардад.

Интихобот оинаи муҳими ҷомеаи мутамаддин ва демократӣ ба шумор рафта, дар маҳаллаи Навбаҳори ноҳияи Рӯдакӣ дар қитъаи интихоботии №77 тибқи қонунҳои ҷорӣ ва санадҳои байналмилалӣ амалӣ гардид. Зеро иштироки фаъолонаи интихобкунандагон ва интихоби дурусти вакил метавонад бахри гулгулшукуфоии мамлакат ва зиндагии арзанда мусоидат кунад.

**ФАЙЗОБОД.** Тавре аз рафти интихоботи баргузоршуда мушоҳида кардем, дар участкаҳои интихоботии №13 ва №12-и ҷамоати деҳоти ба номи Дӯстмурод Алиеви ноҳияи Файзобод аз субҳи барвақт интихобкунандагон дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ бо дарки баланди масъулият ширкат намуда, ба номзадҳои арзанда раъй медоданд.

Дар участкаи интихоботии №13, ки дар бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 воқеъ буд, шароити зарурӣ фароҳам буд. Нуриддин Шоев, раиси участкаи интихоботии мазкур изҳор дошт, ки шумораи умумии интихобкунандагон 1262 нафарро ташкил медиҳад ва то соати 12:00, ба ҷуз 115 нафари дар муҳоҷирати меҳнатӣ буда ва 34 нафари маъюбу барҷомонда, аллакай 590 нафар ширкат кардаанд. Номбурда мегӯяд, аз шумораи умумии интихобкунандагон 42 нафар ҷавононе мебошанд, ки бори аввал дар интихобот ширкат мекунанд ва онҳо қаблан тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ огоҳонида шуданд.

Дар участкаи интихоботии №12-и деҳаи Файзобод, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 воқеъ буд, мардум бо як рӯҳияи баланд дар интихобот ширкат мекарданд ва дар ин русто фазои интихоботӣ баръало мушоҳида мешуд. Сайдалӣ Шамсов, раиси участкаи интихоботии №12 дар суҳбат бо мо гуфт: "Гумон мекунам мардуми мо нисбати ояндаи давлату миллати хеш бетараф нестанд ва ин аст, ки интихобкунандагон бо як табъи болида меоянду овоз медиҳанд. Дар участкаи №12 ҳамагӣ 2084 овоздиҳанда ба қайд гирифта шудааст, аз ин шумора 152 нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд ва ба ҷуз 47 нафар шахсони маъюбу барҷомонда, то соати 15:00 1100 нафар иштирок кардаанд." Номбурда мегӯяд, то ин дам ягон нафар аз нозирони байналмилалӣ ба участкаи №12 ташриф наовардааст.

Танҳо камбудӣ ё худ қонуншикание, ки дар участкаҳои № 12 ва №13-и ҷамоати мазкур мушоҳида кардем, ин буд, ки дар ду ҳолат аъзои як оила ду ва се нафарӣ ба як кабина даромада, раъй медоданд. Аммо аъзои қитъаҳои мазкур ин ҳолатро нодида гирифта, чашм мепӯшиданд. Раисони ин ду участка изҳор доштанд, ки «мо ба шахсоне, ки мехостанд ба ҷои чанд нафар аъзои оилаашон раъй бидиҳанд, иҷозат надодем.» Шояд ин як иддаоест, ки танҳо дар сухан амалӣ карда мешавад. Зеро ин ҳолат дар аксар участкаҳои интихоботӣ ҷой дорад.

Вақте аз участкаи интихоботии №15-и ҷамоати номбурда дидан кардем, интихобкунандагон ангуштшумор ба назар мерасиданд. Абдуҷаббор Сайриддинов, раиси участкаи мазкур гуфт, аллакай қисми зиёди овоздиҳандагон дар интихобот ширкат кардаанд. Шумораи умумии раъйдиҳандагони ин участка1338 нафарро ташкил медиҳад, ки ба ҷуз 100 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ва 41 нафар шахсони маъюбу барҷомонда, 866 нафар омада номзадҳои худро интихоб кардаанд. А. Сайриддинов гуфт, дар участкаи №15, ду нафар намояндаи САҲА-Тамара Ховнон ва Алве Боромад рафти интихоботро назорат кардаанд ва ба ҷараёни баргузории ин маъракаи муҳими сиёсӣ баҳои хуб доданд.

Комиссияи ноҳиявии интихобот бошад, пас аз ҳар ду соат, натиҷаи ҳамаи участкаҳои ҳудуди ноҳияро натиҷагирӣ мекард, ки ба гуфтаи Неъматулло Зарипов, раиси Комиссияи ноҳиявии интихобот, то соати 15:00 аз 50 ҳазору 442 овоздиҳанда 33 ҳазору 835 нафар раъй додаанд, ки ин 67,1 фисади интихобкунандагонро ташкил медиҳад.

Абӯбакр Бӯриев, раиси ҳавзаи интихоботии №11-и ноҳияи Файзобод, ки ноҳияҳои Ваҳдат, Файзобод, Роғун ва Нурободро дар бар гирифта буд, гуфт, шумораи умумии интихобкунандагон ҳавза 139 ҳазору 300 нафарро ташкил медиҳад, ки то соати 15:00 98 ҳазору 994 нафар дар интихобот ширкат кардаанд. А. Бӯриев ҳамчунин илова намуд, ки аз ҳавзаи мазкур нозирони байналмилалӣ дидан карда, ба кори онҳо эроде нагирифтаанд.

А. Буриев рӯзи 3 март, иттилоъ дод, ки аз рӯи натиҷаҳои пешакии интихоботи парлумонӣ аз ҳавзаи мазкур, Ҳизби Аграрии Тоҷикистон 9%, Ҳизби Демократии Тоҷикистон 04%, Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон 6%, Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон 02%, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон 2%, Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон 5,1%, Ҳизби Сотсиал-Демократии Тоҷикистон 02% ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 77 дарсади раъйи мардумро соҳиб шудаанд.

Ба иттилои манбаъ Асозода Хайрулло, номзади ҲХДТ, ки аз ҳавзаи интихоботии №11 дар конференсияи якҷояи ташкилотҳои ҳизбии шаҳру ноҳияҳои Роғун, Ваҳдат ва Файзобод пешниҳод шуда буд, аз рӯи натиҷаҳои пешакии интихоботи парлумонӣ, зиёда аз 91 дарсади раъйи мардумро соҳиб шудааст.

**С. ЮСУФОВ,**
**М. МАҚСУДОВ,**
**Г.РАҶАБОВА, И.ТОҲИР**

Минбари халқ
4 марти соли 2015,
№10 (989)

# Роғун: Гунаҳкорон ва ҷабрдидагон

***- Шумо сабаби Тоҷикистонро тарк карданамро мепурсед? Беҳтар аст, ки инро аз демократҳои ҷангпешаю муллоҳои ошӯбгаратон пурсед. Ин саволест, ки онҳо бояд ҷавоб гӯянд. Ман ҳаргиз мақсади тарк кардани Тоҷикистонро надоштам. Ман дар Норак фаъолиятамро аз прораби оддӣ оғоз кардам, директори Нерӯгоҳи барқии Норак, сардори сохтмони Рогун будам. Бо ин ҳама ифтихор мекунам. Рогун нодиртарин иншооти энергетикӣ дар ҷаҳон аст. Ман бо ҳамсарам орзу доштем, ки охири умрамон дар соҳили баҳри Рогун мегузарад, даврони пирӣ занбӯри асалпарварӣ мекунем. ВАЛЕ…***

**НИКОЛАЙ** Григоревич Савченков сар хам мекунад. Ин лаҳза гиря гулӯгираш карда буд. Хомӯшӣ хонаро фаро мегирад. Ҳамсараш пиёлаи чои кабудро ба сӯяш дароз мекунад ва ба ман рӯй меорад:

- Пурсидан аз рӯзҳои охири зиндагиамон дар Роғун мисли нохун ба захм задан аст.

Пас аз фурӯ бурдани пиёлаи чой боз Николай Григоревич ба сухан медарояд: - Дар сари ман андешаи тарк кардани Роғун набуд. Аммо роҳи дигар вуҷуд надошт. Ин мусибатро на танҳо ба сари ман ва мутахассисону кормандони "Роғун", балки мардуми хирадманди тоҷик рехта буданд. Боре ибтидои кашмакашҳои дохилӣ наздам бригадири нақбканон Юрий Кузмич Шулга омад (соли 1992) ва гуфт:

- Ҳар чи зудтар аз ин ҷо бояд фирор кард.

Ман ба ӯ гуфтам:

- Ором шав! Ҳеҷ гап не, дар Душанбе митингбозӣ мекунанду боз хап мешаванд. Ин фикри ботилро аз сарат дур соз. Он рӯз дур нест, ки Роғунро ба истифода диҳем.

Воқеан демократиябозӣ миёни кормандон воҳима хезонида буд. Ман онҳоро ором мекардам. Ин воҳима хонадони моро ҳам фаро гирифт. Охирҳои моҳи майи соли 1992 субҳи барвақт аз хона баромадам ва ҷониби ҳавлии ронандаам Сайфиддин, ки дар ҳамсоягӣ зиндагӣ дошт, роҳ пеш гирифтам, то ки ба ҷойи кор равем. Автомашинаи УАЗ -469 бо суръати тез омада, наздам қарор гирифт . Аз мошин як ришдор ва ду демократмаоб Кличко ва Қиёмиддинов,- яке дар даст туфангча ва дигаре автомат берун омаданд. Автоматро ба ман рост карда, водор сохтанд, ки ба мошин шинам. Барояшон гуфтам, ки ман бояд ба ҷойи кор равам. Таҳдид карданд, ки бо онҳо Душанбе равам. Сабаб пурсидам, гуфтанд, ки дар ин ҷо туро мекушанд.

- Сенздаҳ сол дар Роғун кор кардам накуштанду акнун мекушанд?- гуфтам дар ҷавоб.

Аз дастам гирифтанд ва зӯран ҷониби мошин кашиданд. Ҳанӯз барвақт, дар кӯча касе набуд. Фарёд кашиданро ба худ раво надидам. Аз дасти онҳо худро халос кардам ва дарахти сари роҳро сахт қапидам. Ин дам ронандаам Сайфиддин ва чанд нафари дигар пайдо шуданд. Шасти онҳо гашт. Баъдтар ронандаам гуфт, ки баробари дидани ин силоҳбадастон дасту пояш шах шуд. Онҳо аз раъйи худ нагаштанд, "Ба мошин шин, ба комиҷроияи ноҳия меравем" гуфтанд. Маро ба Кумитаи иҷроияи ноҳия оварданд. Мақсадашон аз анбуҳи одамон дур сохтан буд. Дар назди Комиҷроия маҷбур сохтанд, ки ҳамроҳашон ба Душанбе равам. Гуфтам, ки ин корро накунед, шабу саҳар обхезӣ мешавад, бе ин ҳам бисёре аз мутахассисон рафта истодаанд, ҳама ҷоро об мешӯяд, меҳнати чандсолаамон барои банд кардани пеши об ба ҳаво меравад. Барои Роғун канда шудани пеши банд фоҷиа аст. Агар дар ғами амнияти ман бо-





шед, дар қабулгоҳ одам монед, ки маро нигаҳбонӣ кунад. Ин дам автобус коргаронро ҷониби иншоот мебурд. Мардум мебинанд, ки ду силоҳбадаст нӯг - нӯги автомату туфангча маро ҷониби ҷойи корам мебаранд. Мардум ин тақводорону демократҳои маҳаллиро хуб мешинохтанд. Ҳама ба шӯр омаданд. Онҳо зери таъсири ошӯби мардум гӯё ба худ омаданд. Як нафар демократи маҳаллиро бо номи Амрулло назди ман монданд ва худашон пайи дастур ҷониби Душанбе рафтанд. Гуфтанд, ки шом бармегарданд. Ҷонишинон ва сардорони участкаю бригадирҳоро ҷамъ кардам ва пурсидам, ки минбаъд чӣ хоҳем кард. Баъзеҳо мегуфтанд, ки ин ришдорону демократҳои силоҳбадаст шӯхиро намефаҳманд, дар муносибат бо онҳо эҳтиёт бояд шуд. Ҳамаро фаҳмидан намешуд, кас намедонист, ки дар сари кӣ чӣ андеша аст. Кормандам бо номи Бахир аз дафтари корим берун рафт. Лаҳзае баъд садои телефон баланд шуд:

- Шеф, зудтар поятро аз ин ҷо каш! Дар кӯҳ бояд паноҳ бурд.

Ин садои Бахир буд, ки аз кабинети сармуҳандис занг мезад. Фаҳмидам, ки ӯ чизеро медонад. Ҳамаро ҷавоб додам. Дар кабинет Сияҳмардов ва Бахир ҷамъ шудем. Хулоса як буд. Бояд паноҳ шуд. Нигаҳбони онҳо монда Амруллоро, ки корманди мо буду аз силоҳбадастон барои нигоҳ кардани ман дастур гирифта буд, даъват кардам ва гуфтам:

- Амрулло, дурӯғ намегӯям, ман бояд равам.

Ӯ аз ҷояш як қад парида хест:

- Ҳарза нагӯед, агар шуморо ҷавоб диҳам, маро мекушанд.

- Роҳаш ҳаст. Вақти хӯроки чошт ҳам ман ва ҳам ту гӯё ба ғизохӯрӣ меравем. Ту аз рафтани ман бехабар мемонӣ. Ба хӯҷаинонат чунин гӯй.

Ӯро розӣ кардем. Мо ба мошини Бахир савор шудем ва ҷониби карери рақами 15 рафтем. Аз он ҷо ба Сичароғ гузашта, ба роҳи Хоруғ баромадем. Сияҳмардов моро то майдони ҳавоии Комсомолобод раҳнамоӣ кард. Хулоса кардем, ки ҳамин ки оромӣ барқарор шуд, ӯ ба назди мо меояд. Бо Бахир мо ба дараи Камарон, назди дӯсти ман Аҳмад рафтем. Вай қаровул буд. Вазъиятро ба ӯ фаҳмонидам. Ӯ гуфт, ки дар хонаи худат ҳастӣ, ҳар қадаре, ки мехоҳӣ, зиндагӣ кун. Таъкид кардам, ки аз пушти ман мабодо ба ӯ зарар нарасонанд.

- Савчинкуф, натарс, барои ту барин одам ҷонамро медиҳам,- гуфт.

Баъдтар ин лаҳзаҳоро зиёд ба хотир меовардам. Миёни тоҷикон дар қатори демократҳою ришдорони дар забон ватанпараст ин хел одамони оддии дар дӯстию ватанпарастӣ содиқ зиёданд. Ман ин суханро борҳо дар Маскав ба онҳое, ки тоҷиконро ба бадӣ зикр кардан мехостанд, гуфтаам. Дар дараи Камарон як рӯз тоқат кардам. Дар пеш обхезӣ буд. Бандро бояд устувор месохтем. Ҳар соат муҳим буд. Рӯзи дигар ба Роғун баргаштам. Дар Комсомолобод Сияҳмардовро вохӯрдам. Аз ӯ фаҳмидам, ки вазъияти ошӯбгарон дар Душанбе вазнин шудааст, барои ҳамин дунболи мо наомадаанд. Корро дар Роғун давом додем. Гумон доштем ҳама хуб мешавад.

4 августи соли 1992 ҳамроҳи ҳамсарам Элеонора Дмитриевна савори автомашинаи УАЗ -469 раҳ сӯйи Душанбе гирифтем. Дар мошин чанд баста китоб доштем. Дар баромадгоҳи Роғун "Волга"-и пуродам аз паси мо афтод. Ронандаи мо Сайфиддин суръати мошинро зиёд кард. "Волга" ақиб монд. Тақрибан қарибиҳои Файзобод "Жигулӣ"- е аз мо гузашта, пеши роҳамонро гирифт. Аз он ришдорони автомат ва гранатамётбадаст, ки дар тан комуфляж доштанд, берун омаданд. Сайфиддинро аз мошин берун кашиданд ва дар мошини "Волга" шинониданд. Сари чанбарак ришдори автоматбадаст ва паҳлӯяш ришдори дигаре, ки гранатомёт дошт ва сеюмӣ паҳлӯи ман нишастанд.

- Аз ман чӣ мехоҳед, маро куҷо мебаред?- пурсидам.

Дар ҷавоб дашном ва таҳдид шунидам:

- Агар мард бошӣ, бо ту ҳамчун мард гап мезанем. Ту ин қадар зарари зиёд ба мардуми тоҷик расонидӣ, ки бояд ҷавобашро гӯӣ!

- Магар сохтани Нораку Роғун ин зиён овардан ба мардуми тоҷик аст? - ба вай рӯй овардам.

Боз дашноми аз аввала қабеҳтар садо дод.

Ба ҳамсарам нигаристам. Ранг аз рӯяш парида буд. Фикр кардам, ки дар чунин лаҳза хомӯш будан беҳтар аст.

Дар баромадгоҳи Файзобод чор нафар кормандони мусаллаҳи БДА меистоданд. Онҳо мошини маро мешинохтанд, аз ҳамин хотир таваққуф надоданд. Аммо "Волга"-ро нигоҳ доштанд. Баъдтар ронандаам Сайфиддин нақл кард, ки ба ишораи кормандони БДА "Волга" онро надоштанд. Онҳо оташ кушоданд. Силоҳбадастон аз мошин фаромада ҷониби онҳо оташ кушоданд ва сипас ба роҳашон давом доданд.

Дар Орҷоникидзеобод моро ба ҷое бурданд, ки силоҳбадастони зиёде ҷамъ омада буданд. Қарибиҳои бегоҳ буд. Онҳо намоз мехонданд ва баъди намоз ҷониби мо омаданд. Як нафар ришдори қоматбаланд бо ангушт ҷониби Душанбе ишора карда чизе гуфт. Сипас, моро назди мошини "Ёрии таъҷилӣ" оварданд. Ронандааш набуд. Хостанд қулфашро шикананд. Аммо як нафарашон монеъ шуд. Як нафар автоматбадасти куртаю эзори сафед дар тан дошта назди онҳо омад ва чизе гуфт. Баъдтар ман фаҳмидам, ки онҳо мехостаанд, тавассути "Ёрии таъҷилӣ" моро ба штаби дар Душанбе будаашон баранд. Аммо андешаи боздошт дар постгоҳи даромадгоҳи Душанбе онҳоро аз ин раъй бозмедорад. Як нафар назди ман ва ҳамсарам омада гуфт:

- Шумо ҷавоб!

Пурсидам:

- Аз ман чӣ мехостед?

- Пул, пулҳоят дар куҷо?

- Пул надорам, - гуфтам.

- Дорӣ, ҳоло ба дасти худат меорӣ, - гуфт.

Бо ҳамин суҳбати мо поён ёфт. Мо ба Роғун баргаштем. Шабу рӯз гирди хонаи мо силоҳбадастон мегаштанд. Ман донистам, ки дигар дар Роғун мондан таҳдид ба ҷони ман ва аҳли хонаводаам аст. Роғун хазинаи фурӯши чиптаи ҳавопаймоӣ дошт. Ман пешакӣ барои таърихи 10 августи соли 1992 билети тайёра харидам. Вале онро таърихи 9 август супоридам. Дубора барои таърихи 14 август билети тайёра харидам. Онро ҳам 13 август супоридам. Ман огоҳ будам, ки демократҳои ришдор аз билетхарии ман хабардор буданд. Рӯзи 15 август дар Душанбе кадом як ҷаласае буд. Ман қаблан барои таърихи 16 август барои парвоз ба Маскав билети тайёра харида будам. Вале аз билетфурӯш, ки духтари шинос буд, хоҳиш намудам, ки ба касе нагӯяд. Таърихи 15 август бо баҳонаи маҷлис ба Душанбе омадам. Субҳи 16 август бо ҳамсар ва фарзандонам ба майдони ҳавоии Душанбе омадем. Савори тайёра шудем. Ҳама нишастанд, зинапояро гирифтанд ва дари тайёраро бастанд. Хурсандии ману аҳли хонадонам ҳадду канор надошт. Ин дам стюардесса эълон кард, ки мусофирон билет ва шиносномаашонро барои тафтиш омода созанд. Аз нав дари тайёра кушода шуд ва ба он чор нафар силоҳбадасти ришдори камуфляж дар тан ворид шуданд. Ба назарам расид, ки як нафари онҳоро дида будам. Маҳз ӯ рӯ ба рӯям қарор гирифт ва шиносномаамро талаб кард. Бо ранги парида ва дастони ларзон шиносномаро ба ӯ дароз кардам…

*(Давомаш дар шумораи оянда)*

**Бознашр аз «Тоҷикистон»**

*Дунёи зан басо рангину зебо ва пур аз маънию муҳаббат аст. Самимияту вафодорӣ ва қавиирodaгӣ хоси занонест, ки соҳибхирададу тарбиятдида ва дар зиндагӣ пайваста устувор қадам мегузоранд. Таҳлилҳо собит сохтаанд, ки дар замони нав занони отифа баробари мардон дар ободию пешрафти ҷомеа нақши муносиби хешро мегузоранду кӯшиш мекунанд, то ҳамсадо дар ҷараёни рӯзгор бошанд.*

# РАИСИ ХОЛМО



**ХОЛМО** Сулаймонова аз зумраи онҳоест, қаҳрамонона зиста аст. Вай ба синну соли худ нигоҳ накарда, даст аз меҳнат намекашид, сари мошинаи дарздӯзӣ нишаста ҳунари худро ба наберагон меомӯзонд. Ӯ солиёни зиёде роҳбар буд, вале бо вуҷуди ин, дар ҳар иду айём ҳамчун кадбонуи моҳир бо нону таом ва ҳалвоҳои пухтааш бахусус ҳалвои бо номи "сарихосорӣ"-аш машҳур буд. Миёни мардум маҳз бо некӯкориву ҳимматбаландӣ ва бо номи раиси Холмо машҳур шуд. Холмо Сулаймонова соли 1923 дар мавзеи биҳиштосои Сари Хосор дар оилаи косиби оҳангар ба дунё омад. Ҳанӯз аз хурдсолӣ бо меҳнатдӯстиву ҷасуриаш аз дигар ҳамсолон ҳатто аз писарбачаҳо ҳам фарқ мекард. Дар лаҳзаҳои ҳассоси зиндагӣ Холмо бо ҷасорат ва нерӯи шикастнопазир дар майдони кор дар кӯтоҳтарин фурсат миёни мардум номи нек баровард. Лаёқат ва мушкилнописандиаш сабаб гардид, ки ҳукумати вақти ноҳияи Қизилмазор, ҳозира ноҳияи Темурмалик, соли 1940 ба дӯши ӯ сарварии фермаро бо зиёда аз 400 сар гов гузошт. Акнун дастурхони мардум нони сериро медиду одамон бо умеди неки фардои рахшон дилгармонаву сарҷамъона дар ҷомеа меҳнат мекарданд, ки хабари мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ чун пардаи сиёҳ рӯи оламро пӯшонид. Солҳои навҷавонии Холмо Сулаймонова ба даврони пурдаҳшати ҷанг рост омад.

Акнун Холмои ҷавонро лозим меомад, ки ҳамроҳи дигар занон дар ду баст заҳмат кашида, барои сарбозону афсарони дар сангарҳои ҷанг буда маводи ғизоии ширу равған омода созанд. Дар баробари роҳбари сахтгир серталаб буданаш мунтазам аз ҳоли оилаҳои говҷӯшону коргарони ферма, ки асосан аз мӯйсафедону мардони маъюб иборат буданд, хабар мегирифту ба оилаҳои ниёзманду серфарзанд кӯмаки моливу пулӣ мерасонд. Борҳо шудааст, ки худ нахӯрдаву напӯшида ҳаққи худро ба ниёзмандоне, ки дар ферма кор мекарданд, мебахшид.

Дар солҳои мушкиле, ки Холмо Сулаймонова кору фаъолият менамуд, маҳз аз рӯи орияти баланд ва сидқан дӯст доштани Ватан боре ҳам хастагиро эҳсос накарда, пайваста савори асп гоҳ дар сари чарогоҳ буду гоҳи дигар барои супоридани равғани ҷамъгардида дар марказӣ ноҳия ва гоҳи дигар барои ҷамъоварии алафу хошок дар саҳро ба хотири пешрафти соҳаи пешакардааш заҳмат мекашид. Заҳматҳои ӯ бо Қарори Президиуми Шӯрои Олии СССР бо медали "Барои хизматҳои шоён дар солҳои 1941-1945" қадрдонӣ шудааст. Баъди чанд соли фаъолият, соли 1951 аз аввалин духтарони минтақаи кӯҳистон буд, ки бо роҳхати ҳукумати ноҳия ба Донишгоҳи кишоварзии ш.Сталинобод (ҳозира Душанбе) дохил гардида, баъди хатми бомуваффақияти он ҳамчун мутахассиси соҳаи кишоварзӣ саравввал ба ноҳияи Восеъ ва баъд ба ноҳияи Муъминобод фиристода шуд. Вай 7 сол (солҳои 1958 то 1964) раиси ҷамоати деҳоти Муъминободро ба дӯш дошт, ки ба солҳои душвори муҳоҷиркунонии мардуми кӯҳистон ба водиҳо рост меомад. Осон набуд мардумро аз хонаву дару ҷойи зисти аҷдодиаш кӯчондан. Вале сиёсати ҳукумати вақт маҳз барои obod намудани водиҳои ботлоқзору нообод ва рушди соҳаи пахтакорӣ дар Тоҷикистон ҳаминро талаб мекард. Боқӣ, номи нек, табиати нарму қатъият дар амал ба раиси Холмо имкон дод, ки ба дили мардум ҷо шавад ва ин барномаи ҳаётан муҳимро иҷро намояд. Дар ин ҷода шавҳари дилогоҳаш, агрономи хизматнишондода Санг Боқӣ ҳамаҷониба дастгириаш мекард.

Холмо Сулаймонова ҳамчун модари мушфиқ 4 фарзандро ба камол расонидааст. Ӯ то дами вопасин ифтихор аз он дошт, ки дар баробари корҳои зиёду муфиди анҷомдодааш, фарзандонаш номбардори номи неки волидон гардидаанд.

Солҳо мегузаранду саҳфаҳои китоби таърих бо рӯйдоду воқеаҳо дар бораи корнамоии шахсони наҷибу меҳнатдӯст, рангрезӣ мегардад. Холмо Сулаймонова яке аз ин гуна одамон аст.

**А.САФАРЗОДА**

# ОИЛА БОЯД ҚОИМ БОШАД

***Президенти кишвар Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон соли 2015-ро соли оила эълон намудаанд. Фикр мекунам, ки ин тадбири сариваќтии Ҷаноби Олӣ дар пойдории оила, рафъи костагии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, тавлиди тифлони маслуҳ такони азиме мегардад. Пайдост, ки дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ бар асари пахши барномаҳои берун аз ахлоқии барномаҳои телевизионҳои гарб, навиштаҷоти сайтҳои интернетӣ, бо роҳҳои гуногун тарғиб намудани ахлоқи фаҳши гарбиёнаю тақлиди иддае аз ҷавондухтарону ҷавонписарони тоҷик ба он костагии фарҳанги волои шарқиёна, аз ҷумла сустшавии пояи кохи азиму муҳташами оила ба рӯи кор меояд.-Дар пешгирии ин амали зишт мавқеи Бахши кор бо занон ва оилаи шаҳру навоҳии Бадахшон калон аст. Ҳамсуҳбати мо мудири Бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз Заррина Мирзоева мебошад:***

**-Аз ҷониби Президенти кишвар соли 2015 эълон шудани соли оила Бахши кор бо занон ва оилаи шаҳру навоҳиро водор менамояд,ки ба ин масъала бояд эътибори ҷиддӣ диҳанд.**

-Ин амали Ҷаноби Олӣ саривақтист,зеро оиларо ячейкаи аввалияи ҷомеа меноманд. Ячейкаи аввалия бояд сахт қоим бошад.Ба он хотир қоим бошад, ки фардои ҷомеа ба он марбут аст. Кӯдаке, ки фардо камол меёбаду фармони ҷомеаро ба даст мегирад, маҳз дар оила тарбия меёбад.Агар оила солим бошад, дар ин хонавода ҷавонони бофарҳангу доно ва дурандеше ба воя мерасанду дар кадом соҳае,ки кор накунанд,аз уҳдаи он мебароянд.Хуллас, дар рушди ҷомеа як нерӯи пуриқтидоре мегарданд.Тарбиятнадида бошад дар ҳар давру замон бори дӯши ҷомеа аст.

Фикр мекунам, ки агар оила солим бошад, ба он ягон таъсири манфӣ намерасонад. Инро дар деҳот дар даврони муқовиматҳои бемаънии ҷонибҳои даргир пай бурдам. Дар он оилаҳое, ки тарбия маҳаки асосии зиндагониашон буд, пойлуч ҳам буданду гурусна ҳам, аммо на ба升 дуздӣ даст заданду на дунболи афюнфурӯшӣ рафтанд. Ба кулли мушкилоти он рӯзҳои зиндагонӣ тоб оварданд, лекин шаъну шарафи хешро чун инсон, чун тоҷики сарбаланд нигоҳ доштанд ва имрӯз ҳам мақомашон дар ҷомеа дар сатҳи баланд қарор дорад. Ҳамзамон кулли мушкилотро онҳое рӯи кор меоранд, ки тарбия нодидаанд.

**- Фикр мекунед, ки пароканда шудани оилаҳои ҷавон низ бар асари сустии тарбияи духтар ва писарон аст?**

- Бале, инсонҳои комил ҳеҷ гоҳе оилаашонро вайрон, фарзандонашонро дарбадару зиндаятим намекунанд. Ин амал дар ҳолате рух медиҳад, ки ё зан ё шавҳар ба маънии оиладорӣ сарфаҳм намераванд,- масъулияти оиларо дар назди ҷомеа ҳис намекунанд.

**- Ба хотири он,ки оилаҳо мустаҳкам шаванду дар онҳо фарзандон камол ёбанд, кадом тадбирҳоро пиёда мегардонед?**

-Ҷомеа бар зиммаи Бахши кор бо ҷавонон ва оила сомони амалҳои зиёдеро гузоштааст. Ин аз ба низом овардани либоспӯшии иддае аз ҷавондухтарони тарбиянадида сар карда,то пешгирии ҷудошавии оила ва боз масоили дигар мерасад. Мо дар ин боб ба тарбияи духтарон чи дар оила ва чи дар мактаб диққати зиёд медиҳем. Дар деҳа маҳфилҳои модарони ҷавон фаъолият доранд, ки сарвариашро намояндагони оилаҳои намунавӣ ба зимма доранд. Маҳз намояндагони чунин оилаҳо аз боби таҳаммулпазирӣ ва мустаҳкам нигоҳ доштани оилаҳо пайваста бо онҳо суҳбатҳо мегузаронанд. Кормандон ва фаъолони Бахши кор бо занон ва оила дар мактабҳо пайваста бо толибилмон вохӯриҳо баргузор мекунанд. Дар ҳар як кӯча, деҳа, маркази ҷамоатҳои деҳот бахшҳои ибтидоии хешро ташкил додаанд.

**- Аз чорабиниҳои зиёди бо ширкати ҷавондухтарон гузаронидаатон метавон хулоса омадам, ки мустаҳкам будани оила аз бисёр ҷиҳат марбут ба занон аст?**

- Зан чароғи хонадон аст, яъне вай кулли торикиҳоро рӯшанӣ мебахшад. Вай ба заифиаш нигоҳ накарда, нерӯи пуриқтидор буда, дар бисёр ҳолатҳо қодир ҳаст, ки кошонаи гармашро аз ҷанги харобиовари боду бӯҳронҳо раҳонад.

Пӯшида нест, ки баъзан ҷудошавии оилаҳо бар асари он аст,ки зану шавҳар шуғле надоранд, аз уҳдаи рӯзгузарониашон намебароянд. Ба ин хотир дар деҳот пешаҳои зиёди аҷдодиро эҳё намудему таввасути онҳо теъдоди зиёди духтарон соҳиби касбу кор гардидаанд.Танҳо охири соли 2014 бо мадади Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия 50 адад мошинаи дарздӯзӣ ба деҳаҳо тақсим карда шуданд. Дар назар аст, ки соли ҷорӣ низ ҳамин миқдор мошинаҳои дарздӯзӣ ба ҷавондухтарони деҳот тақсим карда шавад. Дар калонтарин деҳаҳо маҳфилҳои омӯзиши касбҳои гуногун барои духтарон ташкил гардидаанд. Ғайр аз ин ба таҳсили духтарон эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки кулли духтарон ба таҳсил фаро гирифта шаванд.

**Лутфишоҳи ДОДО**



Минбари халқ
4 марти соли 2015,
№10 (989)

**«Динро ба сиёсати давлатдорӣ ва масъалаҳои муносибатҳои байналхалқӣ омезиш додан барои тамоми инсоният хатари ҷиддӣ дорад.»**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# ДАЪВОГАРОНИ ҲАҚ АЗ АҲЛИ ҲАҚ НЕСТАНД

***Ислом комилан зидди терроризм аст. Зеро ин дин раҳмате барои башарият мебошад. Дар Қуръон оятеро наметавон ёфт, ки зулму ситам ва хушунатро ҷонибдорӣ намуда бошад. Ислом баробарию бародарӣ ва меҳру шафқатро миёни пайравонаш ташвиқ мекунад ва Расули акрам (с), ки пешво ва даъватгари ин дин мебошад, барои густариши сулҳ, оромиш ва раҳмат байни мардум мабъус гардидааст.***

**ХУДОВАНДИ мутаъол дар сураи "Нисо", ояти 93 мефармояд:** "Ва ҳар ки муъминеро ба қасд бикушад, пас ҷазои ӯ дӯзах аст, дар он ҷовид бошад; ва Худо бар ӯ хашм гирифтааст ва ӯро лаънат кардааст ва азоби бузург барои ӯ омода сохтааст".

**Инчунин дар сураи "Бақара", ояти 195 омадааст:** *"Ва хештанро бо дастҳои худ ба (вартаи) ҳалокат маяфканед ва некукорӣ кунед! Ҳамоно Худо некӯкоронро дӯст медорад".*

Паёмбари Ислом (с) чунин онҳоеро, ки даст ба қатли дигарон ва худкушӣ задаанд, аз лутфу карами Худованд маҳрум дониста, аз зумраи ба ғазаби Худованд гирифторшавандагон медонад.

Аз Ҳазрати Алӣ (р) ривоят шудааст, Паёмбар (с) фармудааст, ки замоне, инсонҳое арзи вуҷуд мекунанд, ки дандонҳояшон ҷавон аст (ишора ба ҷавонон), мӯйҳои сарашон чун мӯйҳои занон дароз мебошад, ба худ лақаб мегузоранд, даъват ба китоб мекунанд, аммо ин даъвои онҳо ба Қуръон ва Ислом ҳеҷ робитае надорад, мехоҳанд давлати нав бунёд намоянд, бо худ парчамҳои сиёҳ доранд. Агар ман дар он замон бошам ва ба онҳо вохӯрам, ҳар оина мисли қавми Ъоду Самуд несташон хоҳам кард. Ва агар шумо бо ин гурӯҳ вохӯрдед, онҳоро ба якборагӣ нест намоед!

**Дар ҳадиси дигаре монанд ба ҳамин мазмун аз Алӣ-писари Абутолиб ривоят шудааст:** *"Ҳангоме дидед мардумонеро, ки парчами сиёҳ мебардоранд, худатонро аз онҳо эҳтиёт намоед ва дасту поятонро ҳаракат надиҳед, яъне ҷонибашон наравед, зеро ин мардум камақл ва хатарноканду дилҳояшон мисли сандон аст. Онҳо мехоҳанд барои тамоми башарият давлати ягона ташкил намоянд. Ва бар аҳду паймон ҳеҷ вафое намекунанд. Даъвогари роҳи ҳақанд вале аз аҳли ҳақ нестанд, баски бераҳму қотилу ғоратгаранд. Номҳояшон аз лақаб иборат буда, мӯйҳояшон мисли мӯйҳои занон дароз аст. Ҳатто дар миёни худ ба ҳам бовар надоранд, аз ин рӯ, ба се гурӯҳ тақсим мешаванд".*

Ин таъкид ва суханони Паёмбари акрам (с) бори дигар ҳақиқати худро имрӯз собит намуданд ва инро мо аз тариқи расонаҳои хабарӣ шоҳид мегардем. Дар ин ҷангҳои бераҳмонаву ғоратгарона аксар ҷавонон иштирок доранд ва онҳо аз кишварҳои гуногуни олам мебошанд. Мӯйҳои сарашон монанди мӯйҳои занон дарозанд. Ҳар кадоме барои худ лақаб доранд, чун: Абу Қатода Ал Ҷавлонӣ, Абуталҳа ал - Мақдисӣ, Абубакр ал - Бағдодӣ, Абубакр ал-Лайбӣ, Абухолид ва ғайра.

Ин ҳадисро аз забони муборaки Паёмбар (с) беш аз 1400 сол пеш шунидаанд. Тавре бармеояд, аз ин рухдоди ногувор тамоми мусулмононро Расули акрам (с) хабар додааст. Ва хабари мазкур дар худ андуҳу норизояти сарвари дини мубини Исломро дорад. Ҳамчунин ба мо ҳушдор медиҳад, ки ин гуруҳро хуб бишносем. Ба ин хотир сифату аломатҳои онҳо равшан бозгӯ мешавад. Воқеан, ин гуруҳи бераҳм ба ҷуз бадном кардани Ислому пайравонаш ва сӯзондану рехтани хуни ҳазорон инсонҳои бегуноҳ дигар мақсаде надоранд. Паёмбар (с) даъвои онҳоро, ки мехоҳанд давлат созанд, ба Ислом даъват кунанд ва мардумро зери ин парчами сиёҳ ҷамъ намоянд, ҳамаро ботил ҳисобида аст. Изҳори нобоварӣ, норизоят ва нохушнудӣ аз ин қавм то он ҷост, ки мехост онҳоро ҳангоми рӯ ба рӯ шудан мисли қавми Ъоду Самуд нест намояд.

Ва бо итминони комил метавон гуфт, ки ин ишора ба сӯи он ҷавонони имрӯза аст, ки дар ҷангҳои бераҳмонаи Сурияву Ироқ ва дигар давлатҳои бо ном исломӣ меҷанганд. Дар ин ҷангҳо ҳазорон тифли бегуноҳро ба ҳалокат мерасонанд, ҳазорон биноҳои обод ва масҷиду осорхонаҳоро хароб месозанд магар исломи ноб ҳаминро хостор аст? Не, ҳаргиз!

Дини мубини Ислом инсонро ба дӯстию ваҳдат, ҳақиқат, адолат ва иззату эҳтироми инсон даъват намуда, парҳезкорӣ ва дурӣ ҷустанро аз тамоми анвои корҳои ношоиста ба монанди: ҳаромкорӣ, дуруғгӯӣ, ғайбат кардан, ихтилофу фитнаангезӣ кардан байни мардум даъват мекунад.

Дар Ислом бузургдошти инсон ва эҳтироми шахсият на танҳо нисбати муътақидони он, балки нисбати пайравони динҳои дигар низ дида мешавад.

**Худованд мефармояд:** *"Ҳамоно, фарзандони Одамро гиромӣ кардем ва дар биёбону дар дарё онҳоро барнишондем ва ба онҳо аз покизаҳо рӯзӣ додем ва онҳоро бар бисёре аз он чи офаридаем, фазли бисёр додем" (Сураи Исро, ояти 70).*

**Паёмбари Худо (с) низ дар ҳадисе мефармоянд:** *"Он чизҳоеро, ки шумо барои худатон дӯст медоред, агар барои дигар бародаронатон раво набинед, муъмин нестед".*

Дар ин ҳадис Паёмбар (с) инсонҳоро ба дӯстӣ, муҳаббат ва некбинӣ амр менамояд. Инсон чун узви ҷамъият ба бисёр чизҳо эҳтиёҷманд мебошад, ки онҳоро як кас дар алоҳидагӣ ба даст оварда наметавонад ва ҳар фард ба ёрии нафари дигар дар ин маврид муҳтоҷ аст.

Дар ҳадисе омадааст: *"Касе, ки дар ёрии бародари худ бошад ва эҳтиёҷоти ӯро барорад, Худованд мададгори ӯ мебошад".*

Инсони хайрхоҳ соҳиби ахлоқи хуб буда, доимо кӯшиш мекунад, ки кори некеро ба фарҷом бирасонад. Шахси мусалмон бояд ҳамчун шахси инсонпарвар ба дӯстию рафоқат аҳамияти махсус бидиҳад, мардумро қатъи назар аз нажоду миллаташон ба ягонагию ваҳдат даъват намояд. Дар ин сурат мо бояд дорои ҷамъияте бошем, ки дар он озодӣ, дӯстӣ, баробарии умум ва ҳурмату эҳтиром байни одамон пурра тантана дошта бошад.

Агар ба таълимоти дини мубини Ислом оид ба муносибат намудан бо ғайри мусалмонон назар кунем, мебинем, ки Худованди бузург ва Паёмбар (с) эҳтиром ва риоя намудани пойдории инсондӯстиро борҳо таъкид намудааст.

**Худованд дар Қуръони Карим мефармояд:**

*"Ва бо аҳли Китоб ҷуз ба он сурате, ки некӯ бошад, муҷодала макунед, магар бо касоне аз онҳо (муҷодала кунед), ки ситам кардаанд ва бигӯед: "Ба он чи ба сӯи мо фуруд оварда шуд ва ба он чи ба сӯи шумо фуруд оварда шуд, имон овардем ва Худои мо ва Худои шумо яке аст ва мо Ӯро фармонбардорем" (29.Сураи Анкабут, ояти 46).*

Афроди ҷомеа бо ҳам мисли бародаранд ва бояд ба сулҳу созиши байни худ бипардозанд ва дар тамоми лаҳзаҳои хуби зиндагӣ, моддию маънавӣ дар кумаки якдигар бошанд. Ҳама нисбат ба ҳам ба манзалаи аъзои як хонавода ҳастанд.

**Дар ояти 13 - сураи Ҳуҷурот омадааст:** *"Эй мардум, ба дурустӣ, ки шуморо аз як марду як зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то ба якдигар шиносо шавед!".*

**Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) гуфт:** *"Ба якдигар ҳасад набаред; ва ба якдигар зиён нарасонед; ва ба якдигар кина нагиред; ва ба якдигар душманӣ накунед; ва баъзе аз шумо бар савдои баъзеи дигаре савдо накунад; ва бандаҳои Худоро бародарон бошед; мусалмон бародари мусалмон аст, бар ӯ зулм накунад, ӯро хиёнат накунад, ӯро таҳқир накунад. Тақво ана ин ҷост. - Ва ба синаи худ се бор ишорат кард. Аз бадӣ ҳамин мардро басанда аст, ки бародари мусалмонашро нописандӣ кунад. (Ҳуқуқи) ҳар як мусалмон назди мусалмони дигар хуну мол ва шарафу обрӯяш муқаддас аст".*



**Худованд дар сураи Бақара, ояти 195 фармудааст:** *"Ва дар роҳи Худо харҷ кунед ва хештанро бо дастҳои худ ба (вартаи) ҳалокат маяфканед ва накукорӣ кунед. Ҳамоно Худо накукоронро дӯст медорад".*

Ҳадафи таълимоти Ислом дар самти тарбияву парвариши инсон гуногунҷабҳа буда, собитқадам ва соҳибирода ба воя расонидани муъминонро дар баробари мушкилоти зиндагӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа меҳисобад. Ислом ҳаргиз тарсуву нотавон ба воя расонидани муъминро тарафдорӣ намекунад ва аслан ин ҳолатро имону ахлоқи исломӣ иҷозат намедиҳад, чунки тарс аз мушкилоти зиндагӣ нишонаи заъфи имон дониста мешавад. Паёмбари ислом (с) онҳоеро, ки даст ба худкушӣ задаанд, аз лутфу карами Худованди меҳрубон маҳрум дониста, аз зумраи ба ғазаби Худованд гирифторшудагон медонад.

Аксарият медонанд, ки бештари онҳое, ки ба худкушӣ даст мезананд, ҷавонон мебошанд. Онҳо бо мушкилиҳои зиндагӣ сабру тоқат наоварда, ба ин кори нолоиқ даст мезананд. Ин ҳама натиҷаи бекорӣ ва бефарҳангию ба омӯзиши илм машғул набудани онҳо мебошад. Бахту саодати одам ба донишу ҷидду ҷаҳди худи ӯ вобаста аст. Форобӣ шарти асосии саодати инсонро иборат аз некӣ кардан медонад. Афлотуни ҳаким низ роҳи саодатро дар донишу ахлоқи ҳамида дидааст. **Паёмбар (с) мефармояд:** ки "Ду хайре вуҷуд дорад, ки мардум онро эҳсос намекунанд: тани сиҳат ва вақти фориғ" (Саҳеҳи Бухорӣ). Мақсад аз вақти фориғ умр ва зиндагии инсон аст. Ҳаёт сармояи бебаҳо ва бебозгашти ҳар як инсон ба ҳисоб меравад, бояд кӯшиш намояд, ки ҳар лаҳзаи вақти худро ба донишомӯзӣ ва анҷоми корҳои хайр истифода намояд, зеро анҷоми кори хайру савоб ва дасти ёрӣ дароз намудан ба муҳтоҷон ва ятимону дармондагон сабаби саодатмандии дунёву охират мегардад.

Ривоят мекунанд, ки дар назди дарвозаи биҳишт се тоифа даъво мекунанд, ки ман аввал бояд дохил шавам. Шаҳид, олим ва марди сахӣ. Худованд Ҷабраилро (а) маъмур месозад, то мушкили онҳоро ҳал кунад. Ҷабраил (а) аз шаҳид пурсиданд:

- Ту кистӣ ва чаро мехоҳӣ аввал ба биҳишт дароӣ?

- Ман дар роҳи Худо ҷони худро бохта, соҳиби аҷру подоши бузург гаштаам, бинобар ин ман бояд аввал ба биҳишт дароям. Ҷабраил (а) пурсиданд: - Ту инро аз куҷо медонӣ?

- Ман инро аз олим фаҳмидам.

Ҷабраил (а) гуфтанд:

- Бинобар ин, олим бояд пештар аз ту дохили ҷаннат шавад.

Сипас ба олим рӯй оварданд:

- Шумо кистед ва чаро мехоҳед аввал ба биҳишт дароед?

- Ман тамоми умри худро ба омӯзиши илм сарф карда, мардумро ба сӯи некӣ ҳидоят намудаам ва ҳаргиз муртакиби гуноҳе нашудаам.

- Ман лоиқам, ки аввал вориди ҷаннат шавам! Ҷабраил (а) гуфтанд: - Сабаб чӣ буд, ки шумо ба омӯзиши илм машғул шудед?

- Эҳсони мардуми саховатманд буд, ки таъмини рӯзгори маро ба уҳда доштанд ва ман бевосита ба омӯзиши илм машғул будам.

Ҷабраил (а) фармуданд: - Агар хайри накукорон намебуд, шумо барои таъмини рӯзгор аз таҳсили илм фориғ мемондед. Пас бояд аввалин шуда, ба биҳишт марди сахӣ дохил шавад (Маҷмаъ-ул-латоиф).

Вазифаи ҳар фарди ҷомеа аз он иборат аст, ки барои аз байн бурдани ин гуна ҷиноятҳои мудҳиш, ки хилофи шариати исломӣ ва сиришти инсонӣ мебошад, мубориза барад ва нагузорад, ки ҷавонони зебою баркамоли мо ба ин кори бешарафона худро қурбони хоҷаҳои бегона кунанд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид намудаанд: "Дар шароити торафт мураккаб гардидани авзои минтақа ва ҷаҳон рисолати ходимони дин аз он иборат аст, ки бо такя ба суннатҳои аҷдодии миллӣ ва таълимоти дини мубини Ислом аҳли ҷомеаро ба ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, ҳифзи амнияту суботи ҷомеа ва созандагиву бунёдкорӣ ҳидоят намоянд ва дар амалӣ гардидани ҳадафҳои бузурги давлати соҳибистиқлоламон, рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии он ва ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон саҳми шаҳрвандии худро гузошта, нисбат ба оромиву суботи ҷомеа ва рушди давлату миллат бетараф набошем".

**Абдукарим МУСТАФОЗОДА,**
*сармутахассиси шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# Бандагони таассуб:
# АЗ ДИИШ ТО ИХВОНУ НАҲЗАТ

***Даҳшату ваҳшатеро, ки одамкушони Давлати исломӣ нисбати сокинони Сурия ва Ироқ вақтҳои охир содир мекунанд, имрӯз ҷаҳониён онро ҳамчун амри маъмулӣ мепазиранд. Зеро дигар дар вуҷуди ин пастфитратон аз ҷавҳари инсонӣ нишонаи дигаре боқӣ намондааст. Бадтарин дарранда назди кирдори ваҳшиёнаи онҳо поку беолоиш ба назар мерасад.***

**Ин** тӯдаи манқурт зери таъсири идеологияи мағзхӯру душмани илму маърифат ва тамаддуни умумибашарӣ ҳадафи ягонааш ба ҷӯлистону регзорони ҳазорсола пеш табдил додани дунёи мутараққӣ ва маҳв сохтани ақлу илм дар шуури инсонҳост. Тарконидани



бузургтарин китобхона ва сӯхтани даҳҳо ҳазор китобу дастхатҳои нодиру қадима, ки мероси фарҳангии Ироқ буданд, аз дасти ифротиҳои Давлати исломӣ яқинан ба ҳамин мақсад аст. Сӯхтани китобхона бори аввал нест. Ин ваҳшиҳо танҳо дар ҳафтаи ахир пеш аз 100 ҳазор китобро ба коми оташ партофтанд. Зеро аз рӯи мантиқи ваҳшиёнаи онҳо ва пешвоёни маънавиашон мусулмонон танҳо бояд як китобро хонанду донанду бас.

Ин бандагони таассуб намедонанд, ки бозичаи дасти дигарон гаштаанд ва теша бар решаи худ мезананд. Онҳо намедонанд, ки оқибаташон танҳо марг аст. Марге, ки барои онҳо дар пояи андешаи дурӯғи "ҷиҳоду шаҳодат" бунёд шудааст. Ин мутаассибон намедонанд, ки таассуб барҳамзанандаи хушиҳои зиндагӣ ва буррандаи риштаҳои муносибати инсонҳост. Аз нигоҳи луғавӣ, таассуб аз решаи "асаб" ва "асабоният" баргирифта шуда маъниаш: барошуфтан, тундӣ кардан, пархош кардан, дуруштӣ кардан аст. Таъбири манфиест дар муқобили ҷавонмардию инсонпарварӣ, алайҳи ақлу дониш. Маҳз мутаассибон асрҳо пеши роҳи рушди фарҳангу донишро мегирифтанд, мусулмононро маҷбур мекарданд, ки аз саводомӯзӣ канора ҷӯянд. Мутаассиб наметавонад андеша ва тафаккури ғайрро бипазирад, худро ҳақ ва дигаронро гумроҳ мебинад. Дар қадами аввал «габру мулҳиду кофарашон» ҳукм мекунанду дар қадами дуюм сарашонро мебуранд, зинда месӯзонанду мегӯронанд. Чуноне, ки асрҳо пеш мекардандy имрӯз ин аъмоли ғайриинсониро Давлати исломӣ идома медиҳад. Соли 1156 бо фармони халифаи Бағдод ҳама осори Абӯалӣ ибни Сино дар оташ сӯзонида шуд ва соли 2015 халифаи навбаромаду худном Абӯбакр ал-Бағдодӣ китобхонаҳоро саросар нест кардан дорад. Дар асрҳои миёна олимону орифону файласуфонро таъқиб мекарданд, кофару мулҳид мехонданд, қатл мекарданд. Айни ин амал акнун такрор мешавад.

Мо ДИИШ-ро канор мегузорем. Магар чанд сол пеш набуд, ки дар ҷумҳурии худамон омӯзгори мактаби миёнаи ноҳияи Рӯдакӣ, олимони файласуф Комил Бекзода, Зиё Абдулло, чанд корманди ҷавони илмии Академияи илмҳои кишварро мутаассибини маҳаллӣ кофар эълон карданд. Ба саҳифаҳои иҷтимоии интернетӣ, баҳсҳои хонандагон дар "nahzat.tj", "Озодагон"-у "Озодӣ" ва ғайра назар андохтан мудҳиш буд. Зеро ҷавонони гирифтори марази таассуб рӯирост афроди зикршударо ҳақорат медоданд, ба қатл маҳкум мекарданд. Фақат волоияти қонун дар ҷумҳурӣ, нерӯи давлату ҷойгоҳи асарбахши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имконият намедиҳад, вагарна ин қабил ашхос таҷрибаи ҳамақидагони "ҷиҳодӣ"-ашонро дар қаламрави ҷумҳурӣ кайҳо мавриди санҷиш қарор медоданд.

Ҳамаи ин аз куҷо сарчашма мегирад? Пеш аз ҳама омӯзиши баромади иҷтимоии ин гурӯҳ нишон медиҳад, ки аксарияти куллашон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ё нахондаанд, ё қисман чанд синфро паси сар кардаанду халос. Аксарияти онҳо дар таълимгоҳу мадрасаҳои машкуки кишварҳои исломии минтақа маълумоти динӣ гирифтаанд.

Аз ҷониби дигар баромадҳои алоҳидаи таблиғотие, ки дар назари аввал оддӣ ба назар мерасанд, метавонанд оқибат паёмадҳои сангине барои шунавандагону пайравон дошта бошанд. Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, ки худро ҳамчун ҳимоятгари ҳуқуқу манфиатҳои мусулмонон шуморида, ташаббускори озодии дину виҷдон муаррифӣ менамояд, ба ҷои пешгирии чунин зуҳуроти номатлуб, баръакс ба онҳо мусоидат мекунад.

**Ду-се сол муқаддам Муҳиддин Кабирӣ дар мусоҳибааш бо шабакаи BBC-и Британияи Кабир изҳор дошт:** "Мо бояд ҳуввияти худро дар Ислом ҷустуҷӯ кунем. Тоҷик, тоҷикистониро бидуни Ислом наметавон тасаввур кард. Чун пайдоиши худи миллати тоҷик, ба номи тоҷик, маҳсули Ислом аст. Ҳар касе мехоҳад ҳуввияти тоҷикро ҷустуҷӯ кунад, онро бояд дар Ислом биҷӯяд". Шояд ба назари баъзеҳо ин гуфта аҳамияте надошта бошад, вале дар асл, пешвои наҳзатиҳои Тоҷикистон бо як ҷумлае тамоми заҳамоти тадқиқотию ҳафриётӣ, илмӣ-эҷодии муаррихони тоҷику тоҷикистонӣ, илми таърих ва умуман миллати тоҷикро ба қаъри нестӣ партофт. Чуноне, ки имрӯз тамоми осори таърихии мардуми Ироқро дар китобхонаи Мосул сӯхтанд. Фармудаи Кабирӣ бошад, барои тӯдаҳои арабгарою бодияпараст шиору роҳнамои фаъолияти динӣ-сиёсӣ гардид.

Чанд сол пеш дар сомонаи nahzat.tj зери сарлавҳаи "Осиёи Миёна осорхонаи зулму истибдод" муҳтавои суҳбати Муҳиддин Кабирӣ, раиси Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистонро бо хабарнигори шабакаи байналмилалии "Алҷазира" Аҳмад Мансур хонда будам. Номбурда наҳзатро муаррифӣ карда гуфта буд, ки "ҲНИТ идомаи ҳамон ҳизбест, ки соли 1973 дар айёми шӯравӣ таъсис ёфта, дар афкору андешаҳои худ ба ҷамоати "Ихвонулмуслимин" қаробат дорад". Баъди эълони ин қаробат наҳзатиҳо ба таблиғи рӯирости бародарони ихвониашон шурӯъ карданд ва аз мақомоти расмии Тоҷикистон тақозо карданд, ки ихвониҳоро аз рӯйхати созмонҳои террористӣ хат зананд. Тавре дертар маълум шуд онҳо ба шитоб роҳ доданд. Ҳайсияти худро ба ин созмон ошкор карданд, ихвониҳо бошад, тавре ба сари давлат дар Миср омада буданд, ҳамон гуна аз ҳукумат барканор шуданд. Нишона аз онҳо ҷангу хунрезӣ, мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ дар Мисри қаблан орому осуда боқӣ монду халос. Садҳо саркардагони ихвониҳо пушти панҷараи зиндон рафтанду қисмати пулдорашон ба кишварҳои амн паноҳ burданд, раҳгумзадагонашон дар канори ДИИШ мусулмонкушӣ доранд.

Маҳз дар ҳамин суҳбат Кабирӣ Тоҷикистони имрӯзаи моро якҷоя бо дигари кишварҳои минтақа "осорхонаи зулму истибдод" номид. Нафаре, ки дар парлумони ин "осорхона" яке аз курсиҳои нармро ишғол карда, ҷилави роҳбарии як ҳизби сиёсиро дар даст дорад ва озодона дар дилхоҳ нуқоти сайёра гашту майишат дорад. Нафаре, ки имрӯз чунин мегӯяд, дақиқ медонад, ки ҳеҷ касе дар Тоҷикистони имрӯза муҷиби зулму тааддӣ нест. Ва агар мебуд ҳатман Кабирӣ мисоле меовард.

Лекин луқмаи партофтааш дар хусуси "зулму истибдод" дар майнаю забони пайравону фиребхӯрдагони мутаассиби ҷавонаш нақш басту то имрӯз нисбати ҳукумат истифода мегардад. Мисли фалсафаи "ҷиҳоду шаҳодат"-аш, ки то имрӯз даҳҳо ҷавони раҳгуми тоҷикро бо созмонҳои террористӣ, аз ҷумла ДИИШ, пайваста аст.

Албатта, парда аз болои ҳама сирҳои нуҳуфта оқибат бардошта мешавад. Вохӯриҳои интихоботии роҳбарони ҲНИТ, ки бо вокунишҳои сахти сокинони ҷумҳурӣ рӯ ба рӯ шуданд, баёнгари онанд, ки мардум дер ҳам бошад, мақсаду ниятҳои наҳзатиҳоро фаҳмидааст.

Дигар вақти он расида, ки мо бояд ба таъбири Унсурулмаолии Кайковус ба бузургтарин саодати одамӣ - ақлу илм рӯ орем. Дар хусуси ниёзмандиҳои эътиқодӣ бошад, беҳтарин тавсияю пешниҳод аз ҷониби роҳбари ҲСДТ Раҳматилло Зойиров ироа шуд: "эътиқоди динӣ бояд бо масъалаҳои сиёсӣ махлут карда нашавад ва мо бояд Исломро муқаддас дониста, ҳамчун ҷузъи фарҳангу маънавиёти миллӣ истифода барем".

**Назришоҳи ФОТЕҲ**

Минбари халқ
4 марти соли 2015,
№10 (989)

"…Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад".

**ПАЁМ**-2015

# АРӮСИИ НОБОЛИҒОН: «ҚАРЗИ ПАДАРӢ» Ё НАҚЗИ ҲУҚУҚИ ФАРЗАНД?

**Солҳои охир дар вилояти Хатлон мавридҳои зиёди нақзи ҳуқуқи кӯдакону наврасон ба мушоҳида мерасад, ки мояи нигаронии мақомоти давлатӣ ва ҷомеашиносон шудааст. Иҷборан ба шавҳар додани духтарони ноболиғ як далели бебаҳси поймолшавии ҳуқуқи онҳост, ки дар бештари мавриди аз ҷониби волидайн нақз мешавад.**



## ХУШУНАТ АЛАЙҲИ БЕШ АЗ 100 ДУХТАРИ НОБОЛИҒ

Созмони ҷамъиятии "Ғамхорӣ" дар шаҳри Қӯрғонтеппа беш аз сад мавриди зӯроварӣ нисбат ба духтарони ноболиғ дар оилаҳо ва нақзи ҳуқуқи онон хабар медиҳад. Дар ҳоле, ки мақомоти давлатӣ вуҷуди зӯроварии хонаводагӣ нисбат ба кӯдакон ва ё поймол шудани ҳуқуқи онҳоро рад мекунанд, масъулони ин созмони ҷамъиятӣ иддао доранд, ки кӯдакону наврасон аз қишрҳои бештар аз ҳама осебпазири ҷомеа мебошанд.

- Фақат бо духтараконии аз 10 то 18-сола, ки мавриди хушунату беҳуқуқӣ қарор гирифтаанд, кор кардем, се нафарашон ба интернат равон карда шуданд ва бо боқимондаашон дар хонаҳо фаъолият бурдем,- мегӯяд Шоҳсанам Қарабоева, корманди иҷтимоии созмони "Ғамхорӣ". - Мутаассифона, кӯдакон дар оилаҳо низ гирифтори зӯроварӣ гардида, аз беҳуқуқиашон ҷабр мебинанд. Масалан, агар ба маркази мо 1191 нафар зани ҷабрдида муроҷиат карда бошад, ҳар яке аз онҳо ақаллан 1 фарзанди ноболиғ доштанд, яъне боз ҳам ҳуқуқу манфиатҳои ҳамин кӯдакон нодида гирифта шудааст ва онҳо ба ҳифозат ниёз доранд".

## ҲУҚУҚҲОИ ФИТРИИ КӮДАКОН АЗ ЧӢ ИБОРАТ АСТ?

Ҳуқуқ ба инкишоф, ҳуқуқ ба ҳимоя, ҳуқуқ ба иштирок, ҳуқуқ ба таҳсилот, ҳуқуқ ба озодии амал, ҳуқуқ ба шиканҷа нашудан, ҳуқуқ ба сатҳи зарурии зиндагӣ, ҳуқуқ ба он, ки назари шахсии кӯдак дар масъалаи ба ӯ дахлдошта ба инобат гирифта шавад, ҳуқуқ ба ҳимоя аз истисмори иқтисодӣ - ин ҳама аз ҳуқуқҳои фитрии кӯдакон буда, тибқи Сарқонуни Тоҷикистон ва Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак, "модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд".

**Дар Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак чаҳор принсипи асосӣ зикр шудааст:**

**Моддаи 2** - ҳамаи ҳуқуқҳо бидуни ягон табъиз ба кӯдакон кафолат дода мешаванд;

**Моддаи 3** - таваҷҷуҳи аввалиндараҷа бояд ба риояи манфиатҳои кӯдак равона карда шавад;

**Моддаи 6** - ҳар як кӯдак ҳуқуқ ба ҳаёт, зинда мондан ва инкишофро дорад;

**Моддаи 12** - назари шахсии кӯдак дар ҳар масъалае, ки ба ӯ дахл дорад, бояд ба инобат гирифта шавад.

Тибқи моддаи 3-и ҳамин конвенсия, дар ҳамаи иқдомоти вобаста ба кӯдакон таваҷҷуҳи аввалиндараҷа пеш аз ҳама ба риояи манфиатҳои кӯдак равона мешавад, сарфи назар аз он ки ин иқдомотро кӣ пешкаш кардааст - муассисаи давлатӣ, хусусӣ, таъминоти иҷтимоӣ, додгоҳҳо, мақомоти маъмурӣ ё қонунгузорӣ. Моддаи 4 аз давлатҳои ширкаткунанда тақозо мекунад, ки барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои дар ин Конвенсия эътирофшуда тамоми тадбирҳои зарурии қонунгузорӣ, маъмурӣ ва дигар чораҳоро қабул кунанд.

Аммо вақте ки аз як корманди масъули бахши ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон пурсидам, ки тайи як соли охир чанд мавриди нақзи ҳуқуқи кӯдакон ба қайд гирифта шудааст ва ба хотири ҷилавгирӣ аз поймолшавии ҳуқуқи онҳо (ба ҷуз корҳои фаҳмондадиҳӣ) чӣ тадбирҳои мушаххасе анҷом дода мешаванд, вай гуфт, ки дар посух ба ин савол оҷизӣ мекашад.

## МУҶОЗОТИ 16 НАФАРЕ, КИ ДУХТАРИ НОБОЛИҒИ ХУДРО БА ШАВҲАР ДОДААНД

Ба гуфтаи коршиносон, иҷборан ба шавҳар додани духтарони ноболиғ як далели бебаҳси поймолшавии ҳуқуқи онҳост, ки дар бештари мавриди аз ҷониби волидайн нақз мешавад. Ин ҳам як навъи хушунат аст. Ба иттилои Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон, танҳо дар як соли охир 16 падару модар дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон бо иттиҳоми ба шавҳар додани духтарони ноболиғашон ба муҷозот кашида шудаанд.

Саодат (исми мустаор), ҷавонзани 18-сола аз ноҳияи Қумсангир, аз ҷумлаи ҳамин гуна духтарони ҷабрдида аст, ки ду сол қабл, ҳини 16-солагиаш, бо шиносномаи қалбакӣ, иҷборан ба шавҳар дода шудааст. Ҳоло ӯ бо тифли рӯйи дасташ дар чорсӯи зиндагӣ музтар мондааст.

- Розӣ набудам барои шавҳар кардан, аммо фикри маро касе напурсид, - қисса мекунад Саодат. - Ба ҷавоне, ки писанди волидонам шуда буд, ба шавҳар доданд. Ақаллан, аввал насанҷиданд, ки чӣ гуна оила аст, маҷбур доданд маро. Сарфаҳми назокатҳои зиндагӣ намерафтам, кӯдак будам. Бо дугонаҳоям дар кӯча бозӣ мекардам, ки пайвандонам маро ба хона хонда, пироҳани зебо пӯшониданд ва ба хонаи шавҳар бурданд. Бидуни кадом омодагии хос ба рӯзгордорӣ, ба зиндагӣ дар оилаи нав. Ҳоло ду сол мешавад, ки оиладорам, фарзанд дорам, аммо хушдоманам 10 бор шуд маро аз хонааш меронад. Мегӯяд, ки ту омода нестӣ ба зиндагӣ, корҳои хонаро хуб анҷом намедиҳӣ, бирав аз хона, то ки ман арӯси нав биёрам…

## ШИНОСНОМАИ ҚАЛБАКӢ - ГУВОҲИ БАЛОҒАТИ ДУХТАР?

Азбаски қонунгузории Тоҷикистон ба шаҳрвандон танҳо дар сурати расидан ба 18-солагӣ ҳуқуқи издивоҷ карданро медиҳад, дар музофотҳои кишвар мавридҳое ҳам ба мушоҳида мерасанд, ки волидон барои духтарони ноболиғи худ шиносномаи тақаллубӣ гирифта, дар он синну соли духтарро болиғ нишон медиҳанд, то ки мақомоти расмӣ никоҳи ӯро ба қайд гиранд.

Ҳар сол аз ҷониби мақомоти интизомӣ дар вилояти Хатлон чандин мавриди бо шиносномаи қалбакӣ издивоҷ кардани духтарони ноболиғи аз 14 то 16-сола ошкор шуда, нисбат ба волидони онҳо парвандаҳои ҷиноятӣ ифтитоҳ мегардад.

Малоҳат Усмонова, равоншиноси Маркази буҳронии занони шаҳри Қӯрғонтеппа, аз сарнавишти духтари дигари ноболиғе қисса кард, ки иҷборан ба шавҳар дода шуду мавриди азият қарор гирифт ва он ҳам бо шиносномаи тақаллубӣ.

- Ин духтарак сағира буд, дар тарбияи бибияш, дар хонаи иҷора ва шароити начандон хуби иҷтимоӣ ба воя расидааст, - гуфт М. Усмонова. - Барояш хостгорӣ омадаанд ва тарафи қудо (хушдоманшаванда дар мақомоти судӣ кор мекардааст) маслиҳат додааст, ки шиносномаи нав гирифта, синну соли духтарро болиғ нишон диҳед, то ки ӯро келин кунем. Ҳоло бошад, ин духтаракро, ки ду дафъа бо амри хушдоманаш исқоти ҳамл кардааст, барои "камбудиҳояш дар анҷом додани корҳои хона" пеш кардаанд. Хушдоманаш таҳдид кардааст, ки агар ба ҷое шикоят барӣ, тую бибиатро барои шиносномаи қалбакӣ сохтанат ба ҷавобгарӣ мекашем, даъво накун."

Тибқи моддаи 168-и Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон, "ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида аз ҷониби волидайн ва ё ашхосе, ки духтар таҳти васояти онҳост, манъ буда, бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то 5 сол, ё ҳабс ба муҳлати то 6 моҳ ҷазо дода мешавад".

…Аммо чаро волидон ин талаботи қонунро ба инобат нагирифта, талош мекунанд, духтарони худро сарфи назар аз ин ки омодаи ҳаёти мустақилона нестанд, ҳанӯз ба балоғат нарасида, ба шавҳар диҳанд?

Туҳфа Аҳмадова, коршиноси масоили гендерӣ, дар ин иртибот мегӯяд: "Мутаассифона, хеле ҷавон ва гоҳе ноболиғ ба шавҳар додани духтарон ба ҳукми анъана даромадааст. Агар ба духтари ноболиғ хостгор омад, падару модараш ифтихор мекунанд, аммо андеша намекунанд, ки духтарашон ба зиндагии мустақилона ҳанӯз омода нест, бояд таҳсил кунад, омӯзад. Падару модареро медонам, ки духтарашонро аз синфи 9-ум гирифта, ба шавҳар доданд. Гӯё ки вай нонхӯри зиёдатӣ бошад".

## ВАКИЛИ ПАРЛУМОН МУХОЛИФИ НИКОҲҲОИ БАРВАҚТИСТ

Ба иддаои таҳлилгарон, ба шавҳар додани духтарони ноболиғ ва умуман, никоҳҳои барвақтӣ, дар аксар маврид ба вайроншавии оилаҳо ва болоравии сатҳи бедонишию камбизоатӣ дар ҷомеа оварда мерасонад. Саодат Амиршоева, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мегӯяд, ки то 18-солагӣ боло бурдани синни никоҳӣ дар кишвар маҳз бо таваҷҷуҳ ба афзоиши мизони азҳампошии оилаҳо ва ноомодагии ҷисмонию зеҳнии ҷавонон сурат гирифтааст.

*саҳ. 13*

**Тандурустӣ**

"Дар кишвари соҳибистиқлоли мо саломатии мардум боигарии давлат ва ҷузъи таркибии ҳадафҳои стратегии он дониста шудааст".

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# САЛОМАТИИ МИЛЛАТ БОИГАРИИ ДАВЛАТ АСТ

**С**АЛОМАТӢ генофонди миллат буда, бояд ҳамеша кӯшиш кунем, то оилаи мо ҷомеаи мо солим бошад. Аз саломатии ҳар фард дар маҷмуъ солими ҷомеа вобаста аст. Охир беҳуда нагуфтаанд, ки ақли солим дар тани солим аст. Шахси солим, умри дароз, асаби ором, рӯҳи болида дорад ва албатта, нафъи ин гуна ашхос ба ҷамъият бештар мерасад. Пас чӣ бояд кард, ки ба ин ҳадаф бирасем?

Мо бояд пеш аз ҳама аз хариди хӯрока ва нӯшокиҳои ҳархела, ки дар роҳҳо ба фурӯш бароварда шудааст, худдорӣ намоем. Зеро, ин ҳама маҳсулот на аз ташхиси санитарӣ гузаштаасту на сертификати сифат доранд. Имрӯз шукрона дар ҳама гӯшаву канори шаҳр ошхона, қаҳвахона, тарабхонаҳои тозаву озода мавҷуданд, ки метавонем аз ғизои онҳо истифода барем.

Вале зиёд мушоҳида мешавад, шаҳрвандони мо ба саломатии худ комилан аҳамият намедиҳанд ва аз кӯчаю бозорҳои шаҳр ғизо истеъмол мекунанд, ки онҳо ба қоидаҳои санитариву гигиенӣ ҷавобгӯ нестанд. Табиист, ки ин дар навбати худ мардумро ба бемориҳои гуногуни сироятӣ оварда мерасонад.

Масалан, дар сари роҳи бозорҳои "Саховат", "Корвон", "Деҳқон" ва "Шоҳмансур"-и пойтахт, дар табақҳои калони бе рӯйпӯш самбӯсаю моҳии бирён, бодиринги шӯр ва бисёр намуди хӯришҳои дигарро ба савдо баровардаанд, ки ин умуман ба ягон қоидаи санитарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ нест.



Боре шоҳиди чунин воқеа шудам: Кӯдаки хурдсоле, ки шояд синфи 4-5 бошад, бо сару рӯи ифлос самбӯса мефурӯхт. Ба болои ҳамаи ин, сару рӯи кӯдак аз хоришак пур буд. Албатта, одамони калонсол аз ин гуна "савдогар" чизе харидорӣ наменамоянд, аммо охир ҳастанд боз кӯдакони мисли худи ӯ хурдсоле, ки ҳоло ақлашон ба ин чизҳо намерасад, ғизои солимро аз носолим фарқ карда наметавонанд.

Пас чӣ бояд кард? Нахуст бояд назди фарзандон, ҷамъият ва миллат масъулиятро ҳис кунем. Ба назари ман ин кори он қадар ҳам душворе нест. Шарт нест, ки барои ин қарори махсусе бошад ё фармоне аз боло, то чашми моро барои дидани камбудиҳо кушояд.

Бармегардем ба сари мавзӯъ. Шахси аз ин таомҳо харидорӣ намуда, баъди чанд нафари дигаре, ки дасти шуставу ношустаашро ба онҳо задааст, ҳатман ба ягон беморӣ гирифтор мешавад. Вақте ки ба бозори "Корвон" ворид мешавед, чашми кас ҳатман ба нуқтаҳои фурӯши ғизои кӯчагӣ мерасад, ки ҳар кадоми онҳо барои худ чизе аз амсоли самбӯса, пирожки, беляши, шаурма истеъмол карда истодаанд. Ин ҷо савол ба миён меояд, ки магар ин ҳама намуди ғизо аз ташхиси санитарӣ гузаштааст? Равғане, ки маҳсулот дар он пухта мешаванд, чанд маротиба истифода шудааст? Ҳол он ки равған баъд аз дубори истифода шуданаш ба саломатии инсон зароровар мегардад, аллакай мо дучори бемориҳои гуногун мегардем, меъдаю рӯда, талхадон ва дигар узвҳои шахс осеб мебинад. Барои ҳамин ҳам аз фурӯши таомҳо дар кӯчаю роҳравҳо, ки аз ташхиси санитарӣ нагузаштаанд, пешгирӣ карда шаванд. Чаро мо дидаву дониста худ ва наздиконамонро ба бемориҳои гуногун гирифтор созем? Бояд масъулин нисбати ин гуна савдогарон чора андешанд, то ин ки мо саломатиамонро, ки гавҳари ноёб аст, аз даст надиҳем. Сиҳатии омма дар кишвари мо самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ гуфтаанд.

**Гуландом РАҶАБОВА**

# КОРРУПСИЯ - УНСУРИ ТАҲДИДКУНАНДА БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

***Дар ҷаҳони имрӯза яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои инсон коррупсия мебошад. Муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсуб ёфта, таҳия ва татбиқи он, аз ташаббуси олии сиёсии роҳбарияти давлат огоз мегардад. Самаранокии муқовимат бо коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардонии он вобастагии зич ва ногусастанӣ дорад.***

**М**АФҲУМИ муқовимат ба коррупсия фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатиро ҷиҳати ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба миён омадани ҳолатҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда, ошкор ва мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳою ҷиноятҳои коррупсионӣ, бартарафсозии оқибатҳои номатлуби кирдорҳои коррупсионӣ ва таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, пешрафти иқтисодиёт ва таъмин намудани амнияти кишварро дар бар мегирад. Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду субoти иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гаштааст.-Рӯзмарра ва мубрам будани масъалаи баррасишавандаро ба инобат гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии муқовимат ба коррупсия гардид ва дар сатҳи миллию байналмилалӣ чораҳои дахлдори ташкилию ҳуқуқиро андешид.

Дар сатҳи байналмилалӣ яке аз ҳуҷҷатҳои асосӣ ва муҳими ҳуқуқӣ, ин аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 сентябри соли 2006 ба тасвиб расонидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия ба шумор меравад. Бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ маҷмӯи санадҳои меъёрӣ -ҳуқуқӣ қабул гардида, доктринаи миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ташаккул ёфт. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999, №1262 " Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999, "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" қабул гардида, баъдан 25 июли соли 2005 Қонуни зикргардида бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба тасвиб расид-.Инчунин бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, таҳти №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.Ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти Агентӣ ва муайян кардани мансубияти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, 20 марти соли 2008, №374 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2007, № 414 "Дастуремали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо" қабул гардида, ба як қатор санадҳои қонунгузории соҳавӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мубориза бар зидди коррупсия тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Бо мақсади андешидани чораҳои маҷмӯии ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мубориза бар зидди коррупсия, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 тасдиқ гардид.Стратегияи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати муҳими давлатӣ баҳри тақвияти мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он аксари масъалаҳо дар самти мубориза бо коррупсия бо дарназардошти хулосаи таҳқиқоти сотсиологӣ, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар ва таҳлили омории вазъи коррупсия тайи давраи сипаригашта дар кишвар ҳалли худро ёфтанд.Дар доираи Стратегияи зикргардида масъалаҳои самарабахшии мубориза бо коррупсия ва оғози сарииқтии парвандаҳо ва гузаронидани таҳқиқу тафтишоти парвандаҳо бо ҷиноятҳои коррупсионӣ, мансубияти ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, механизми муносиби идоракунӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ, ба таври электронӣ ва ба воситаи бонк ҷорӣ намудани пардохти хизматрасониҳои мақомот ва муассиаҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳои дар Стратегия пешбинигардида дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор танзими худро ёфтанд.



Ҳисоботи оморӣ дар мақомоти судии кишвар дар соли 2013 чунин мебошанд. Дар ин сол, 751 парвандаҳои хусусияти коррупсионӣ дошта нисбати 947 нафар баррасӣ гардида, аз ин бо 622 парванда нисбати 786 нафар ҳукми айбдоркунӣ бароварда шуда, 82 парванда нисбати 98 нафар қатъ карда шуда, бо 1 парванда нисбати 1 нафар ҳукми сафедкунӣ бароварда шуда, 7 парванда нисбати 14 нафар ба тафтишоти иловагӣ баргардонида шуда, 39 парванда нисбати 48 нафар аз рӯи тобеияти судӣ ирсол карда шудааст. Тибқи ҳисоботи оморӣ баррасии парвандаҳои хусусияти коррупсионӣ дошта, дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюли зиёдшавӣ доранд. Агар дар соли 2012 571 парванда нисбати 714 нафар баррасӣ шуда бошад, пас дар соли 2013 751 парванда нисбати 947 нафар баррасӣ гардидааст.

Аз байн бурдани коррупсия дар ҷомеа кори осон нест. Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар танҳоӣ аз уҳдаи ҳалли ин масъала баромада наметавонанд ва пеши роҳи ин падидаи номатлуби оқибатҳои ногувор доштаро фақат дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ қоҳиш додан мумкин аст.

**Диловар МИРЗОҲОМИДЗОДА,** *судяи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе*



# ОМЕЗИШИ ГЕНҲО ВА СОЛИМИИ НАСЛҲО

*Дар Паёми имсолаи Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гаштани соли ҷорӣ "Соли оила" хело ҷолиби диққат аст ва умед ба он меравад, ки мардуми шарифи Тоҷикистон баҳри амалӣ гаштани ин ҳидоят ва бунёди оилаи мустаҳкаму тарбияи насли навраси солим дар ҷомеа қадамҳои ҷиддӣ ва устуворeро хоҳад гузошт.*



**Қурбоналӣ ПАРТОЕВ,**
*доктори илмҳои кишоварзӣ*

**ЧӢ** тавре ки ба ҳамагон маълум аст, асоси оиларо дар ҷомеаи башарӣ зану мард ташкил медиҳанд. Дар оила пайдо гаштани кӯдакҳои солим аз маҷмӯи генҳои падару модар вобастагии калон дорад.

Пас ген чист ва нақши он дар тақвияти организмҳо чӣ тавр маълум мегардад?

Калимаи генро аввалин маротиба дар илми биология ботаники машҳури даниягӣ Вилгелм Иогансен соли 1909 ҷорӣ намуда буд.

Мувофиқи маълумоти илми биологияи муосир ген аз калимаи юнонии genos, ки маънояш қавм ё ин ки пайдоиш аст, гирифта шудааст. Яъне генро асоси пайдоиши қавм, қабила, авлод номидан мумкин аст.

Ба ҳамин тариқ тамоми организмҳои зинда бо шарофияти мавҷуд будани маҷмӯи генҳо дар ҳуҷайраҳояшон, метавонанд арзи вуҷуд дошта бошанд ва ҳаёти хешро гузаронанд. Яъне генҳо ҳиссачаҳои хурдтарини молекулаҳои ДНК мебошанд, ки онҳо асоси ирсияти организмҳоро дар олами зинда муайян намуда, тамоми ҷараёни ҳаёт, хусусиятҳои зоҳирӣ (фенотип) ва ботинии (генотип)-и нишона ва хусусиятҳоро дар давоми филогенези ин ё он насл назорат менамоянд.

Вале, агар мо нақшаи оддии зуҳуроти генҳои организмҳоро тасвир намоем, он чунин аст:

Бояд қайд намуд, ки тамоми генҳо дар хромосомаҳо ҷойгир буда, аз молекулаҳои ДНК иборат мебошанд ва маҷмӯи ин генҳоро генотипи организм меноманд.

Мувофиқи маълумоти олимон генотипи одам бештар аз 25 ҳазор генҳоро ташкил дода, бештар аз 3,3 млрд. нуклеотидҳоро (молекулаҳои ДНК)-ро дар бар мегирад. Яъне тамоми ҷараёни рушду нумуъ ва нишонаю қобилияти инсон аз мавҷудияти ҳамин бештар аз 25 ҳазор генҳои дар 46 адади хромосомаҳо маҳфуз буда, вобаста мебошад.

Дар вақти ҷуфтшавӣ ва пайдоиши ин 46 адад хромосомаҳо чи қадаре, ки насл аз авлоди аз ҷиҳати генетикӣ, географӣ ва экологиву минтақавӣ дур бошад, ҳамон қадар насли одамон тавоно, боқувват, зираку доно ва серҳаракат мегарданд, ки ҳамаи ин нишонаҳоро дар илми биология зоҳиршавии қувваи гетерозис меноманд.

Моҳияти гетерозисро дар илм аввалин маротиба олими шинохта Ч.Дарвин дар соли 1962 тавсиф намудааст, ки маънояш калонҷуссагӣ ва сермаҳсулии наслҳои организмҳоро нисбат ба волидайнашон ифода намудааст. Инчунин вай нишон додааст, ки волидайн чи қадаре, ки аз ҷиҳати генетикӣ аз ҳамдигар дур бошанд, авлод ё насли онҳо ҳамон қадар тавоно ва сермаҳсул мегардад, аммо дар сурати ҷуфтшавии навъу намудҳои ба ҳам наздик боиси нотавониву ба ҳар гуна таъсирҳои берунӣ кам тобовар гаштани насл мегардад.

Дар асоси ин гуфтаҳои боло месазад, ки падарону модарони гиромиқадр дар вақти интихоби келину домодҳои хеш ба оиладоршавии хешу табори наздик роҳ надода, бештар кӯшиш ба он харҷ диҳанд, ки оилаҳои навро аз қавму авлодҳои дигар маҳалу водиҳои Тоҷикистон интихоб намоянд. Ин пеш аз ҳама ба ҷавонону донишҷӯёне, ки дар донишкадаҳо таҳсил менамоянд, мумкин бештар тааллуқ дошта бошад. Дар пойтахти мамлакатамон имрӯзҳо бо шарофати сиёсати созандаву омӯзонандаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар ҳазорҳо духтарону писарони Ватан аз ноҳияҳо, ва вилоятҳои гуногун ҷамъ омадаанду ба таҳсилу омӯзиши касбу ҳунарҳои гуногун машғул мебошанд ва месазад, ки онҳо дар интихоби ҳамнафасҳои ҷониву ҳаётии хеш бисёр зираку дурандеш бошанд.

Гумон менамоем, ки дар натиҷаи ташкил намудани чунин оилаҳо аз минтақаҳои гуногуни мамлакатамон ба мо муяссар мегардад, ки генотипи фарзандону набераҳоро боз ҳам аз ҳисоби генҳои нави аз ҷиҳати географию экологии аз ҳам дур боз ҳам тақвият дода, онро қавитар гардонем. Аз тарафи дигар дар вақти масалан, фарзанди диёри водии Ҳисори зарнисор ба худаш муносиб ҷавони аз Хатлонзамин оиладор гаштан, ё ин ки ҷавонони раштонӣ бо бадахшониҳо ё ин ки зарафшониҳо бо вахшониҳо, ё ин ки ҷавонони минтақаи Кӯлоб бо истаравшаниҳо ва ғайраҳо оилаҳои гуногунмаҳалро ташкил додан, дар ҷомеа насли наве, ки ҷаҳонбиниву урфу одатҳои ду минтақаро дорост, пайдо мегардад, ки ин наслиояндаро ба муттаҳидӣ, тавоногӣ ва мардонагӣ, насли (генотип)-и навро пайдо гардонида, малакаи насли наврасро нисбат ба маҳалгароӣ ва маҳалчигӣ хел коҳиш дода, ватандорӣ, муттаҳидии онро боз ҳам қавӣ ва мустаҳкам мегардонад. Мехоҳем инчунин агарчанде, ки мо мутахасисони бахши демографӣ набошем ҳам, як мисоли дигарро низ ба хонандагони муҳтарам ёдовар шавем, ки ба андешаи мо дар сарзамини Тоҷикистони азизамон дар солҳои пешин куллӣ оилаҳое, ки онҳо аз намояндагони дигар миллату халқиятҳо пойдевор гаштаанд, фарзандоне ба дунё омадаанд, ки бештари чунин фарзандон донишмандон, олимон, шоиру нависандагону бисёр ҳам шахсони муътабари ҷомеъа тарбия ёфта, ба камол расидаанд, ки онҳо ифтихори кишвари азизамон мебошанд.

Бинобар ин, аз ҷавонон ва волидайни мухтарам хоҳиш карда мешавад, ки дар тақвият башидани миллату ҳалқияти кишвари азизамон бо роҳи ба омезиш додану сайқал додани қалби ҷавонони диёрамон, бо роҳи бунёди оилаҳои нав дар асоси омезиши дуравлодӣ, дурминтақавӣ, дурандешагӣ, дурхунӣ ва дургении биологии наслҳоиояндаи кишварамон ташаббускор бошед ва талош варзед.

# Доми тазвир

**Имрӯз пантуркистони дохилӣ бо афкори фиребои шабеҳи космополитизм аз зудбовариву хушбоварии мардуми мо сӯйистифода бурда, мехоҳанд моро ба доми тазвир кашанд ва раванди худшиносиву худогоҳии милливу ривоҷи ғояҳои ватанпарваронаро дар масири зеҳнҳои ҷавонон боздоранд. Саъй мекунанд, ки мо хештаншинос набошем ва дар арсаи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар ҷойгоҳи устувор ва шоистаи худро ба даст наоварем. Аз баддилӣ гумон мекунанд, ки худогоҳу хештаншинос ва ватанпараст будани мо манофеи худхоҳонаи онҳоро маҳдуд мекунад. Аммо ҳатто худи ин тазвиргарон ҳам хуб медонанд, ки худшиносиву меҳанпарастии мо аз ҳадди ҳифзи манофеи миллӣ таҷовуз нахоҳад кард. Мо бо худогоҳии хеш танҳо шаъну шарафу манфиат ва марзу буму якпорчагии Ватани худро ҳифз кардан мехоҳему бас. Мақсади мо танҳо ҷилавгирӣ кардани худхоҳиҳову худкомагиҳои манфиатҷӯён аст. Ҳаргиз ватанпарастии мо маънии маҳдуд кардани манфиатҳои миллатҳои дигарро надошту надорад. Инро ҳатто бадхоҳони мо ҳам хуб медонанд, аммо аз худхоҳӣ ва ба хотири гӯл задани мо бо афкори фиребо талқин мекунад, ки гӯё идеологияи миллӣ дар Тоҷикистон ғайри қобили қабул буда, хавф дорад ва он боиси норозигии миллатҳои дигар хоҳад шуд, яъне онҳо моро аз норозигии худ тарс медиҳанд. Дар ҳайратем аз ин афкори зӯровarона! Дузди тавонманд соҳиби молро бастааст.**

**Барои чӣ ин тоифа, ки мехоҳанд бо афкори космополитизм идеологияи давлатии моро иваз кунанд ва баъдан бо истифода аз ин идеология бар худкомагии хеш идома диҳанд, аз миллатгароиву идеологияи миллатгароёнаи зиддитоҷикии ҳамтоёни худ дар кишвари ҳамҷавори мо интиқод намекунанд ва чашм мепӯшанд. Як бому ду ҳаво. Моҷарои Роғун, роҳбандӣ, роҳтарконӣ ва кӯшишҳои рӯйиростту бешармона ва бепардаву беинсофонаашон барои эҷоди мушкилоти иқтисодиву сиёсӣ, барангезонидани нерӯҳои дохиливу байналмилалӣ бар зидди сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ маънӣ дорад?**

**Бегумон ин "кӯшишҳо"-и идеологҳои фавқуззикр, ки зери ниқоби идеологияи гуманистӣ чеҳранамоӣ мекунанд, як навъ тазоҳуроти пардапӯши ҳамин сиёсати тоҷикбадбинона аст.**

**Дар ҳақиқат мавқеъгирии ин идеологҳо тааҷҷубовар аст. Дар он сӯи марз анқариб, ки дигар тоҷик намонд. Чаро доир ба ин масъала ва чунин аъмоли ғайригуманистӣ ин "гуманистҳо" аз дидгоҳи башардӯстона баҳо намедиҳанд? Чӣ магар тоҷик бо он ҳама фарҳангу тамаддуни ҷаҳоншумул ва бо он ҳама таърихи давлатдорӣ имрӯз ҳатто дар як гӯшаи камзамину кӯҳпораи аҷдодӣ, ки садяки қаламрави таърихии ӯст, ҳаққи соҳибватану соҳибдавлат буданро надорад?**

**Назрӣ АСАДЗОДА,**
*мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҳисор*

Китобиёт

# "МАРГИ РОҲБАЛАД ва ё муаммои кушта шудани Туғрал"

Моҳи равон ба зодрӯзи охирин намояндаи адабиёти классикии тоҷик Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ 150 сол пур мешавад. Санаи номбурда дар доираи адабии кишвар бо чорабиниҳои гуногун таҷлил карда мешавад. Нақибхони Туғрал, ки зиндагинома ва эҷодиёти пурғановаташ дар китобҳои дарсии макотиби ҳамагонӣ ва олӣ ворид гардидааст, аз шоирони шинохтаи охири нӯздаҳу аввали садаи бистум қаламдод мешавад. Адабиётшиноси шинохта Носирҷон Маъсумӣ Нақибхон Туғралро "як шахси олуфтарафтори неккирдор, тундмиҷози мулоҳизакор, ҳозирҷавоби тезхотир, шӯхтабъи зиндадил, шаккоку нотарс, фаррохдасти назарбаланд ва донишманди худписанд буд", гӯён муаррифӣ намудааст. Дар бораи зиндагии пурталотуми ин шоири шаҳир то имрӯз мегӯянду оянда низ хоҳанд гуфт, зеро зиндагинома ва осори ӯ то ҳанӯз норӯшан мондааст. Адибу пажӯҳишгари шинохтаи кишвар Шераки Ориён (Абдурофеъ Рабизода) дар китоби тозанашраш "Марги роҳбалад ва ё муаммои кушта шудани Туғрал" дар бораи зиндагиномаи шоир далелҳои наву ҷолиберо мураттаб кардааст, ки барои аҳли фазлу камол ва мухлисони шеъри Туғрал туҳфаи арзишманде аст. Китоб дар сабку усули силсилаасарҳои машҳури "Зиндагиномаи одамони беҳамто" "ЖЗЛ" иншо гардида, бовар дорем, ки хонандагон онро ба хушӣ пазироӣ мекунанд.




**Маъруфи БОБОРАҶАБ**



# АРӮСИИ НОБОЛИҒОН: «ҚАРЗИ ПАДАРӢ» Ё НАҚЗИ ҲУҚУҚИ ФАРЗАНД?

саҳ. 10

- Аз таҷрибаи зиндагии садҳо ҷавондухтарон, аз ҷумла фарзандони худам, ки барвақт ба шавҳар дода будам, мебинаму хулоса мекунам, ки духтарон бояд нахуст маълумоти олӣ дошта бошанд, - зикр кард С. Амиршоева. - Ҳунар омӯзанд, ҳурмату иззатро ёд гиранд, дар зиндагӣ мустақил буда тавонанд. Пас аз он ба шавҳар бароянд, то ин ки дар зиндагиашон ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармо шавад, бо шавҳару хушдоманашон муносибати хуб карда тавонанд. Ин гуна духтарон, Худо нахоста, агар аз ҳамсарашон ҷудо шаванд ҳам, нони худашонро ёфта метавонанд.

Ба иддаои С. Амиршоева, ҳанӯз ҳам ин мавзӯъ муҳим буда, зарур аст, ки вакилони парлумони кишвар дар оянда мавзӯи то 20-солагӣ боло бурдани синни никоҳӣ дар Тоҷикистонро ба баррасӣ бигиранд.

### ДОМОДҲОИ 16-СОЛА - ТАМОЮЛИ НАВ ДАР ХАТЛОН?

Дар ҳамин ҳол, дар вилояти Хатлон тамоюли дигари қобили мулоҳизае ба мушоҳида мерасад, ки на танҳо духтарони ноболиғ, балки писарони 16-17-соларо ҳам иҷборан оиладор мекунанд. Агар як сабаби издивоҷи бармаҳал эҳсоси хатар ба амнияти наврасон, бемактабӣ ва надоштани шароит барои таҳсил ва шуғл, ҷилавгирӣ аз косташавии ахлоқи бачаҳои деҳот унвон шавад, аз сӯи дигар волидон ба ин васила мехоҳанд писаронашонро дар канори худ нигоҳ доранд, то дар оянда онҳоро парасторӣ кунанд.

Ба қавли Саидисмоил Сатторзода, рӯҳонии тоҷик, ислом издивоҷи бармаҳалро нодуруст намешуморад, аммо шарт ин аст, ки ҷавонон ҷисман ва рӯҳан омодаи оиладорӣ бошанд.

- Чӣ бачаҳо бошанд ва чӣ духтарон, дар синни 16-солагӣ ҳанӯз омодаи оиладорӣ нестанд, - идома дод С. Сатторзода. - Ин синну сол аслан ибтидои балоғат аст. Мо ин гуна издивоҷро аз рӯйи фаросату ақл ҳам иҷоза намедиҳем. Хубтар аст, ки ин айёми наврасӣ бо омӯхтани илму ҳунар, таҳсил дар мактабҳои олӣ сипарӣ шавад, писарону духтарон маданияти оиладорӣ, ҳусни тафоҳумро омӯзанд. Беҳтарин замони бастани ақди никоҳ барои ҷавондухтарон аз синни 18 ва барои писарбачаҳо аз синни 23 солагӣ болост.

Саидраҳмон Назриев, ҷомеашиноси маҳаллӣ бар ин ақида аст, ки дар шароити музофот аксари волидон овардани арӯс ба хонадонро ба унвони "чангак" истифода мекунанд. Яъне писари худро, ки ба хатми мактаби миёна наздик шуд, ба хотири он, ки падару модарро раҳо накунад, ё ба муҳоҷирати корӣ рафта, бедарак нашавад, зудҳангом оиладор мекунанд, то ба бозгашт ба хонадони падар моил бошад.

- 16-сола ҳанӯз кӯдак аст, - мегӯяд С. Назриев. - Вақте кӯдак худаш падар мешавад, маълум аст, ки тифли навзодаш ояндаи рӯшану аз ҳар лиҳоз таъмин нахоҳад дошт ва хубу шоиста тарбия нахоҳад шуд. Навраси 16-сола худаш ба тарбия ва назорату раҳнамоии волидон ниёз дорад, ба амалу рафтораш масъул ва пурра ҷавобгӯ буда наметавонад.

### ПАЙОМАДҲОИ НОГУВОРИ ИЗДИВОҶИ БАРМАҲАЛ

Ин ҳам дар ҳолест, ки Ислом издивоҷи маҷбуриро дуруст намешуморад ва аз никоҳе, ки бо ҷонибдорӣ ва ризоияти писару духтар ва волидони онҳо анҷом мешавад, истиқбол мекунад.

Азҳампошии оилаҳои ҷавон яке аз пайомадҳои издивоҷи барвақтӣ мебошад. Танҳо дар чанд соли охир дар деҳае дар ҷамоати Заргари ноҳияи Бохтар дастикам 47 ҷавондухтаре, ки пеш аз 18-солагӣ издивоҷ карда будаанд, ба манзили волидонашон баргаштаанд. Саидисмоил Сатторзода, аз пешвоёни рӯҳонии ин деҳа, мегӯяд:

- Дар қишлоқи мо 47 нафар ҷавонзаноне ҳастанд, ки ба ҳар сабаб аз шавҳаронашон ҷудо шудаанд. Шояд дар ҳар сеюмин манзил як зане бошад, ки баъди талоқ гирифтан аз шавҳараш ба хонаи падар баргаштааст. Аксаран ин духтарон 18-20-сола ҳастанд, яъне хеле барвақт, ҳанӯз ба синни никоҳӣ нарасида, ба шавҳар дода шудаанд. Хаёл мекунам, ки ба азҳампошии оилаи онҳо бетаҷрибагии ҷавондухтарони барвақтникоҳ сабаб шуда бошад. Агар духтар аввал ақлу фаросаташ расо шавад, тарбияи хуб гирифта бошад, ӯ рӯҳану ҷисман омодаи оиладорӣ шуда бошад, ба қадри оилаю оиладорӣ бирасад ва ба эҳтироми шавҳару пайвандонаш тайёр шавад, баъдан издивоҷ кунад, беҳтар аст.

Пири рӯзгордида Сафаралӣ Файзалиев, ки 91 сол дорад, низ ба ҳамин ақида аст, ки шумораи бисёр ками издивоҷҳои барвақтӣ то ба охир пойдор мемонад.

- Замони ҷавонии мо ҳам агар духтарро барвақт ба шавҳар медоданду давлат инро мефаҳмид, волидонашро ҷазо медод, - ба ёд меорад бобои Сафаралӣ. - Сатҳи баланди марги мири кӯдакону модарон ҳам шояд аз ҳамин сабаб буд, ки духтарон барвақт шавҳар мекарданд. Барои ҳамин, беҳтараш баъд аз 18-солагӣ издивоҷ кунанд, то ки саломатиашонро ҳифз кунанд. Баъзе духтарони ҳозира агар ҷисман омодаи издивоҷ бошанд, тарбияи гирифтаашон барои бунёди оила кофӣ нест. Барои ҳамин, набояд саросема шаванд.

Масъулини Кумитаи кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо такя ба пажӯҳишҳои худ мегӯянд, сабаби то 50 дарсад афзудани талоқҳо маҳз ба издивоҷи барвақтӣ марбут аст. Латофат Чориева, коршиноси масоили гендерӣ, бар ин назар аст, ки надоштани таҷрибаи кофӣ дар оиладорӣ, издивоҷи ғайриихтиёр, мудохилаи волидон ба рӯзгордории навхонадорон сабаби аслии азҳампошии оилаҳои ҷавон мебошад.

- Волидайни чӣ духтар ва чӣ писар, талош мекунанд, ки ҳарчи тезтар рисолати ба дӯш доштаашон, яъне оиладор кардани фарзандонашонро ба иҷро расонанд, - мегӯяд Л. Чориева. - Мардуми мо кӯшиш мекунанд, ки духтарро барвақт ба шавҳар диҳанд, ҳамчунин баъзеҳо ба хотири ин ки писарашон ба артиш ҷалб карда нашавад, зуд оиладор мекунанд. Аммо масъалаи муҳимтар аз анҷоми рисолати волидайн - мутмаин шудан ба омодагии ҷавонон ба оиладорӣ аст. Тоҷикистон майдони таҷрибаҳо барои фарҳангҳои ғарбию шарқӣ шудааст. Одамони пойбанд ба ақидаҳои мазҳабӣ бар ин назаранд, ки "духтар - моли мардум" ва ҳарчи зудтар масъулияти парвариши ӯро аз сар соқит мекунанд.

Коршиносон таҳсили ҷавононро дар мактабҳои олӣ ё омӯзишгоҳҳои ҳунарӣ қабл аз издивоҷ, амри ҳатмӣ медонанд, чун ҳунармандӣ ва босаводии зану шавҳар боиси таҳкими пояҳои оила мегардад.



### БА ҶОЙИ ОХИРСУХАН

**Тибқи қонунҳои байналмилалӣ, нафари то 18-сола ноболиғ ва кӯдак маҳсуб мегардад. Мо, бузургсолон, бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки кӯдакон шахсиятҳои ҷудогона мебошанд, онҳо гоҳе эҳтиёҷманду вобастаи дигаронанд. Дигаргуниҳои ҷомеа ба кӯдакон таъсири ногаҳонӣ ва номутаносиб мегузорад. Бинобар ин, рушди солими кӯдакон барои ҳамагон манфиатовар аст.**

**Кӯдакони донову таълимдида ба ҳамагон фоида меоранд. Аммо, муносибати бераҳмона бо кӯдакон, иҷборан ба шавҳар додани духтарони ноболиғ проблемаи паҳншуда дар аксари кишварҳои ҷаҳон буда, воқеан боиси нигаронии аҳли ҷомеа гардидааст. Поймолкунии ҳуқуқи ноболиғон ва истифодаи зӯроварию фишори равонӣ боиси бад гардидани вазъи умумии саломатии онҳо ва коҳиши рушди зеҳнию маънавияшон гардида, оқибатҳои ногуворе дар пай хоҳад дошт.**

**Тибқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандон танҳо пас аз расидан ба синни 18-солагӣ ҳуқуқи бастани ақди никоҳро пайдо мекунанд. Аммо дар баъзе мавриди волидон хостаҳои фарзандони худро ба инобат нагирифта, бо мақсади ҳарчи зудтар аз сар соқит кардани ба истилоҳ, "қарзи падарӣ", онҳоро ба шавҳар медиҳанд.**

**Шояд онҳо хабар надоранд, ки бо чунин амал ҳуқуқҳои фарзандашонро поймол мекунанд: Ҳуқуқ ба инкишоф, ҳуқуқ ба интихобу озодии амал ва ҳуқуқ ба зиндагии шоиста.**

**Умед аст, ки институти нави Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак якҷо бо вазоратҳои маориф ва илм, корҳои дохилӣ, мақомоти прокуратура, масъулони кумитаҳои кор бо занон ва оила, ҷавонон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва ҷилавгирӣ аз издивоҷҳои бармаҳал талоши бештар ба харҷ хоҳанд дод.**

Носирҷон МАЪМУРЗОДА

Минбари халқ
4 марти соли 2015,
№10 (989)

Пешгӯии рақамшинос

# БА ТАҚДИР РАҚАМ МЕЗАНЕМ

##Ояндаатро донистан мехоҳӣ?

*Дар соли 2015 моро чӣ интизор аст? Инак, аз соли нав ҳам моҳе сипарӣ шуд. Ҳар яки мо дар фикри онем, ки ин сол бароямон чиро дар кӯлвори хеш ҳадя месозад. Рақамшиноси машҳур Клара Кузденбаева, ки ситораҳои машҳури саҳна ва сиёсатмадорони олирутба мизоҷони ӯянд, роҳи осони мустақилона фаҳмидани ояндаи худро нишон медиҳад.*

**БАРОИ** фаҳмидани он ки дар соли 2015 моро чӣ интизор аст, бояд ин тавр рақамчинӣ намуд:2+0+1+5=8. Яъне рақами 8 ҳосил шуд. Ин адад дар илми рақамшиносӣ муваффақият меорад. Пас маълум мешавад, ки соли 2015 барои бисёриҳо соли бобарор аст - алалхусус соҳиби мартабаи баланд ва дорои маблағи зиёд шудан нишонаҳои асосии ин соланд. Инро мо дар умум гуфтем.

Агар касе хоҳиши дар алоҳидагӣ донистани рӯзгори худро дошта бошад, ин ҷо низ мушкиле нест. Барои ин шумо бояд ба санаи таваллудатон рақами **8**-ро зам намоед. Акнун мебинем, ки адади ҳосилшуда чанд аст ва аз чи шаҳодат медиҳад. Дар ин бора ҳатто китобе ҳаст бо номи **"Аҳамияти рақамҳо дар ҳаёти инсон"**. Масалан шумо **30 марти соли 1981** ба дунё омадаед. Пас ин тавр рақамгузорӣ мекунем: **3+0+3+1+9+8+1=25** *(яъне сана+моҳ+сол)*. Ҳосили ҷамъро зам мекунем: **2+5=7**, яъне рақами Шумо **7**. Баъд боз ба ин рақам ҳосили соли 2015-ро, ки **8** буд, зам мекунем, **7+8=15** ва натиҷаашро мебарорем **1+5=6**. Адади **6** ин рақами ниҳоӣ аст. Пас таваҷҷуҳ мекунем ба мафҳуми рақамҳо.

### МАЪНОИ РАҚАМҲО

**1** Дар ин сол метавонад обрӯву шуҳрати беандозае насиби кас бигардад ва ҳамчунин дар фаъолияти меҳнатиаш низ муваффақ шавад. Соли 2015 соли ба нақша гирифтани корҳои бузург ва амалӣ намудани онҳост. Ба шумо лозим аст, ки ҳарчи бештар шиносҳои нав пайдо намоед. Онҳо ба шумо на танҳо дӯстони хуб мешаванд, балки ба шарофати чунин рафиқон метавонед фоидаи молиявӣ низ ба даст биоред. Шахсони эҷодкор аз қабили нависандаҳою рассомон дар ин сол метавонанд ба қуллаҳои баланди муродашон бирасанд.

**2** Одамони таҳти ин рақам қарордошта метавонанд нақшаҳои кашидаашонро ба пуррагӣ иҷро намоянд. Ба замми ин соли 2015 барои сармоягузорӣ намудан ва фоидаи хуб ба даст овардан хеле мувофиқ мебошад. Метавонед ҷасурона бо тиҷорат машғул шавед.

**3** Агар рақами шумо 3 бошад, пас метавонед кори нотамоми соли гузаштаро давом дода, бомуваффақият анҷом бидиҳед. Дар ҳама ҳолат некбахт хоҳед шуд. Агар чизеро хариданӣ ё фурӯхтанӣ бошед, сад фоиз коратон барор хоҳад гирифт.

**4** Рақами 4 новобаста аз буҳрони иқтисодӣ ба соҳибонаш дар масъалаи доду гирифти мол барору комёбӣ хоҳад овард. Агар кори шумо бо тиҷорат алоқаманд бошад, ин сол бароятон фоидаи хуберо пешгӯӣ мекунад. Дар ҳаёти шахсӣ низ тақдир ба шумо туҳфаи хубе ҳадя месозад. Яъне бахти хешро меёбед ва зиндагиатон саршори меҳру муҳаббат мегардад.

**5** Ин сол тиҷорат, саёҳат ва ҳамкориҳои мутақобилан муфидро бароятон пешкаш месозад. Умеди иштирок намудан дар мусобиқаҳо ва ба даст овардани ғолибият ҳам аз назар дур нест. Агар таҳти ин рақам кормандони ВАО,нависандаю шоирон қарор дошта бошанд, пас бегуфтугӯ бахт ба рӯяшон ханда мекунад.

**6** Соҳибони ин рақам бояд донанд, ки барои барпо намудани оила ва ба дунё овардани фарзанд ин сол айни муддаост.Дар ҷои кор низ аз натиҷаи меҳнати шумо розиянд ва инро қадр месозанд.
Барои шахсони ҳунарманд актёрон, режисёрон, овозхонҳо соли пур аз барору комёбӣ хоҳад буд.

**7** Агар шумо нияти гирифтани маълумоти дуюмро дошта бошед, ҳоло фурсати муносибро аз даст надиҳед. Барои шумо ин сол-соли омӯхтан аст. Аз ҷанҷолу хушунат худро дур кашед ва дар мавриди муҳаббат хеле эҳтиёткор бошед, ин ҷо метавонед бо хиёнат рӯ ба рӯ шавед. Сабур ва хушбин бошед. Шояд дар тиҷорат душвориҳо шуморо пеш ояд, вале боз ҳам ноумед набояд шуд. Барои кормандони тиб ва муаллимон соли беҳтарин хоҳад буд.

**8** Ба саломатиатон эътибор диҳед. Чи тавре мегӯянд, пешгирии беморӣ аз табобати он осонтар аст. Дар масъалаи тиҷорат далер бошед, комёбӣ бо шумост. Соли 2015 барои сиёсатмадорон ва кормандони соҳаи иҷтимоӣ соли пурмаҳсул хоҳад буд. Шахсоне, ки мурофиаи судӣ доранд, метавонанд нафаси сабук бикашанд, чунки қазия ба фоидаи онҳо ҳал хоҳад шуд.

**9** Инак, адади охирон… Ин рақам моро бовар мекунонад, ки соли 2015 ҳама орзуву омоли мо амалӣ хоҳад гашт. Ба қавли рақамшинос моро дар ин сол чи дар корҳои ҷамъиятӣ ва чи дар ҳаёти шахсӣ муваффақиятҳои бемисле интизоранд. Ҳамчунин тахмин аст, ки бо лоторея бурди калоне ба даст меояд ва ё ҳатто ногаҳон соҳиби мероси гаронарзише шудан мумкин аст. Пас, бо умеди ба даст овардани гавҳари мақсуд ба пеш бояд рафт!

Дар фарҷом мехоҳем як нуктаро таъкид кунем, ки албатта пешгӯии рақамҳо чизи хуб аст, вале агар аз ҷониби худатон барои фатҳи қуллаҳои нав дар кору зиндагӣ кӯшише набошад, мутмаин бошед, ки мурод низ ҳосил нахоҳад шуд.

*Аз "Комсомольская правда"*
*Таҳияи* **С. ХУДОЁРБЕКОВА**



Дуруст бинависем



## ГУЗАШТ КАРДАН, ГУЗАР КАРДАН, ГУЗОР

**ИБОРАИ** "гузашт кардан" бештар ба маънои авфу бахшиш махсус шудааст, агарчи маънои аслию аввалии он ҳамон гузаштан, яъне убур кардан аст ва ба ин маъно (авфу бахшиш) ҳам дар мутуни осори классикӣ ва ҳам муосир ҳамеша ба кор бурда шудааст. Аммо дар чанд соли ахир ин ибораро баъзан дар матбуот ва гуфтор ба маънои "гузоштан" ё "гузар кардан", "гузор" ба кор мегиранд, ки иштибоҳ аст. Хусусан, дар мавриде, ки сухан аз маросими маълуми гузар кардан ё гузори ташрифотии неруҳои низомӣ дар маросими расмӣ мебошад. Масалан, менависанд: "Нерӯҳои горди миллӣ зери мусиқии мутантан гузашт карданд". Дар чунин маврид саҳеҳ он аст, ки навишта шавад: "гузар карданд" ё "Гузори ташрифотии нерӯҳо… анҷом шуд; сурат гирифт" ё ҳатто агар бинависем ки "нерӯҳо аз майдон гузаштанд" низ он қадар иштибоҳ нахоҳад шуд, ки дар мавриди аввалӣ ҳаст, вале ҳамроҳ бо феъли ёвари "кардан" маънои авфу бахшиш дар ин ибора асосӣ мешавад. Дар шеъри классикӣ дар чунин мавридҳо аз "гузар ва гузор" истифода шудааст.

***Яке рӯз шоҳи ҷаҳон ҳамгурӯҳ,***
***Гузар кард бо чанд кас сӯйи кӯҳ.***

***Ман инак ба шабгир аз ин размгоҳ,***
***Сӯйи шаҳри Эрон гузорам сипоҳ.***

**ФИРДАВСӢ**

## ДИЛХОҲ

**ИН** калимаи сирф тоҷикӣ, ки маънояш ба ҳама маълум аст ва ҳамеша далолат ба амри матлуб ва хостанӣ мекунад, дар чанд соли охир ба маъное низ ба кор бурда мешавад, ки наздик ба маънои ибораи "ҳар навъ" аст бидуни таваҷҷуҳ ба он, ки манзур мусбат аст, ё манфӣ. Зоҳиран сабаби ба ин маъно ба кор рафтанаш тарҷумаи калимаи "любой"-и русӣ ба ин калима аст. Аммо дар сурате, ки сухан манфӣ ва инкорист, бемаврид будани "дилхоҳ" ба таври барҷаста ошкор мегардад.

Масалан, дар ин ҷумлаи рӯзнома: "Дилхоҳ фаъолияти террористӣ, дар кадом кишваре, ки содир шуда бошад, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ натиҷаҳои бад дорад". Маълум аст, ки дар чунин маврид бояд аз ибораҳои "ҳар навъ", "ҳар гуна" ва аз ин қабил истифода шавад. Чанд намунаи шеърӣ:

***Туӣ дилхоҳи ман, то рух намудӣ,***
***Раво шуд коми ман бар ваҷҳи дилхоҳ.***

**ҶОМӢ**

***Мусаллои намоз он гоҳ бифканд,***
***Ба зери пои он дилхоҳ бифканд.***

**АТТОР**

***Шуд ҳаво сард кунун мавсими хиргоҳ куҷост?***
***Бодаи рушану рухсораи дилхоҳ куҷост?***

**Амир ХУСРАВ**

Ҳамчунин дар мутуни классикӣ таъбири "ба дилхоҳи худ коре кардан" ба маънои ба хости худ коре кардан низ омадааст.

**Рустами ВАҲҲОБ**

**Инсон барои хоб сеяки қисми умрашро масраф менамояд. Зарур аст, ки кӯдакон вобаста ба синну сол дар як шабонарӯз зиёда аз 8-14 соат, куҳансолон тақрибан 7-8 соат хоб кунанд.**

# БЕХОБӢ ВА АЗИЯТИ РӮҲӢ

**ХОБ** яке аз ҳолатҳои барои саломатии инсон манфиатбахш мебошад. Дар вақти хоб системаи марказии асаб ва тамоми бадан истироҳат менамояд. Аз сабаби бехобӣ тапидани набз, нафасгирии инсон суст, фишори хунаш паст мешавад. Бинобар сабабҳои гуногун халалёбии хоби шабона, вақти тӯлонӣ хобида натавонистан, бармаҳал бедор шудан, зуд-зуд дар хоб нороҳат шудан организми инсонро ба мондашавии шадиди ҷисмӣ ва равонӣ оварда мерасонанд. Барои ашхоси гирифтори чунин беморӣ аввалан бо мақсади муайян сохтани сабабҳои пайдошавии бехобӣ синну соли бемор, ба чӣ гуна бемориҳо гирифтор шудан, бештар аз чӣ нороҳат гардиданашро омӯхтан зарур аст ва баъдан ба ӯ тавсияҳои равониро раво донист.

Камхобӣ ин падидаи ба ҳама маълум буда, торафт дар сатҳи ҷаҳон мушкилот эҷод мекунад. Бино ба маълумоти Созмони ҷаҳони тандурустӣ одамон давоми сад соли охир ба ҳисоби миёна 20 фисад кам хоб мераванд. Камхобии пайдарпайи ҳолати организмро дигаргун месозад, зеро боиси мурдани ҳуҷайраҳои майнаи сар мегардад. Бехобӣ ба ҳолати равонии инсон таъсири калон мерасонад, зеро ҷисми инсон бо олами рӯҳиаш зич алоқаманд аст. Агар ҷисми моро халале ё ин ки таҳдиде аз берун азият диҳад, пас ин ҳолат ҳатман ба ҳолати рӯҳӣ таъсири худашро мегузорад. Баръакси ин ҳолат ҳам ҳамин тавр сурат мегирад, яъне мо агар аз чизе азияти рӯҳӣ кашем, ҳатман аз ин ҷисми мо мутаассир шуда, тағйирот дар организм ба вуҷуд меояд, ба монанди зиёдшавӣ ва ё пастшавии суръати таппиши дил, гардиши хун, ғадудҳои берунӣ (арақҷудокунӣ, ашки чашм ва ғ), ки ин ба пастшавии самаранокии фаъолияти меҳнатию таълимӣ таъсирашро бечуну чаро мегузорад. Бехобӣ мутамарказияти диққатро паст намуда, диққати ихтиёриро дар ин замон мо пурра ва бомақсад ба объекти муайяншуда равона карда наметавонем, зеро кашиши мушакҳои пилки чашм ба мо имконият намедиҳад. Мо дар ин мавrid ҳодиса ва ё маводи таълимиро ба таври пурра таҳлил, таркиб, тафсир ва объективӣ шарҳ дода наметавонем. Мо ҳодиса ё маводи мутолиашударо ба таври кулл баён мекунему он ҷузъиётҳое, ки маъно ва моҳияти ҳодисаро ташкил медиҳанд, дар канор мегузорем. Ин ба раванди идрок ва хотири инсон таъсири худро гузошта, халалҳои зиёди дигарро эҷод мекунад. Яъне, агар мо ҳодисаи рухдода ва ё маводи таълимиро пурра ба тарзи аз ҷузъ то ба кулл идроки маъногӣ накунем, он гоҳ онро бардавом ба хотир гирифта наметавонем. Дар ин маврид раванди бахотиргирӣ камсамар аст ва ба рафти дар хотир нигоҳдорӣ мусоидат намекунад. Ин ҳолати шахс на ба ҳамаи ангезаҳои берунаи таъсиррасонанда ҷавоб мегардонад, зеро ҷисм дар ин ҳолат лоғару нотавон шуда, ба ангезаҳои беруна аксуламали мувофиқ намекунад.

Бояд қайд кард, ки хоби бароҳат танзимгари ҳолати равонии мо мебошад. Мо бояд барои захира намудани қувваи худ талош намоем, зеро дар вазъиятҳои мухталиф метавонем аз қувваи ботинии худ истифода барем. Пас, чӣ гуна бояд қувваро захира кард? Барои ин зарур аст, ки мо ҳолати ҷисмонии худро обутоб диҳем, ҳолати равонии худро дар сатҳи хубу болида нигоҳ дорем, аз ангезаҳои халалрасони рӯҳӣ дурӣ ҷӯем ва амсоли инҳо.



**Дар баробари ин бояд зикр кард, ки омилҳои ба бехобӣ оварда низ вуҷуд доранд ва онҳо:**

- гуфтугӯйи аз меъёр зиёди телефонӣ;
- вобастагии компютерӣ ;
- сунъисозии муҳити атроф;
- бад будани ҳолати рӯҳӣ;
- ба инобат нагирифтани вақт дар нақшаи кории худ;
- қаноатманд набудан аз маҳсули фаъолияти худ;
- хушунати хонаводагӣ;
- талафоти молию пулӣ;
- аздастдиҳии шахси наздик;
- огоҳ шудан аз бемории худ, ки табобатнашаванда аст.

**Омӯзишҳои равоншиносӣ нишон доданд, ки дар шахси мубталои бехобӣ чунин нишонаю аломатҳои равонӣ зоҳир мешаванд:**

- ҳолати афсурдагӣ (депрессия);
- агрессивӣ;
- лоғарӣ ва нотавонии ҷисм;
- беаҳамиятӣ ба намуди зоҳирии худ;
- пастшавии мутамарказият, кӯчонидан ва тақсимоти диққат;
- зуҳуроти пасти фаъолӣ;
- бенизомӣ дар фаъолияти психикӣ ва ғайра.

**Баҳрулло САИДОВ,**
*равоншиноси Литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Тарас... муаллифи достони "Гайдамакҳо"
Янтоқ, шутурхор
Меҳмони даъватнашуда
... Рао, ситораи кинои ҳиндӣ
Дар байни бета ва делта
Бурҷи дувоздаҳуми осмонӣ
Дарё дар Осиёи Миёна
Истеъмолгари тамокуи хокаи сабз
Нимҷазира дар ИМА
Ҷузъи Британияи Кабир
Варзиши кореягӣ
Қабилаи ҳиндуҳои Перу
Падар (лаҳҷ.)
0,5, 50 %
...'О – футболбози камерунӣ
Шахс, нафар
Мувофиқ, мутобиқ
«Гулшан»-ансамбли ...
Номи Путин
Пойтахти Кореяи Ҷанубӣ
Ноз, карашма, ғамза
Тамом, интиҳо
Маҷмӯи дониш
Рафиқи мактабӣ
Нӯшокӣ аз шоколад
Шакли кӯтоҳи номи Николай
Аз алаф баланду аз дарахт паст
Амиралмӯъминин
Асбоби мусиқии нафасӣ
Молиш
Оби мард, манӣ
Моҳи сол
Хӯй, одат
Ороиши нохуни занон
Асбоби зарбӣ, доира
Кунҷи аз 90 то 180 градус
Маҳомот (русӣ)
Курсии шоҳ
Ансамбли рок-н-ролл аз Ливерпул
Баҳо, арзиш, қимат
Нитроген
... Чавес, собиқ президенти Венесуэла
Лавозимоти ҷангии зидди танку пиёдаҳо
Андом, бадан
Писари Гӯрӯғлӣ
Дарё дар Хитой
Нидои мухлиси футбол
Ҳарфи «г»-и форсӣ
Духтури ҳалқу гӯшу бинӣ
Философ



**Ҷавоби «СКАНВОРД»-и шумораи 18 феврали соли 2015, №8 (987)**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Т | ■ | ■ | С | И | Ё | С | А | Т | Д | О | Н | ■ | Ҳ | А | М | Д | А | Р | С |
| А | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Е | ■ | ■ | А | ■ | ■ | Т | ■ | ■ | М | ■ | П |
| О | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Ҷ | А | Р | И | М | А | ■ | О | С | Л | О | ■ | А |
| М | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Т | ■ | Ю | ■ | В | ■ | ■ | Е | ■ | Н | А | Р |
| Н | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Ф | Р | А | Н | К | Ф | У | Р | Т | ■ | А | ■ | Т |
| О | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | А | ■ | Л | ■ | И | ■ | Л | ■ | ■ | Э | Т | Н | А |
| М | А | Л | А | Х | ■ | ■ | Й | И | Г | И | Т | ■ | А | Ҷ | А | М | ■ | ■ | ■ |
| А | ■ | А | ■ | Л | А | Ф | З | ■ | Е | ■ | О | И | Н | ■ | ■ | У | Р | А | Н |
| ■ | ■ | Й | ■ | Е | ■ | О | ■ | ■ | Б | О | Б | ■ | ■ | К | ■ | ■ | ■ | ■ | А |
| У | С | Л | У | Б | ■ | Ш | Е | Ъ | Р | ■ | Д | А | В | Р | ■ | ■ | ■ | ■ | С |
| К | ■ | ■ | Ф | ■ | Р | ■ | В | ■ | А | ■ | О | ■ | ■ | А | ■ | ■ | ■ | ■ | Л |
| Р | А | Г | У | ■ | У | М | А | Р | ■ | Ф | Р | А | Н | К | ■ | ■ | ■ | ■ | Д |
| О | ■ | ■ | Қ | О | Ш | ■ | ■ | А | ■ | О | ■ | Ф | ■ | О | ■ | ■ | ■ | ■ | Е |
| П | О | К | И | ■ | Д | И | Р | Ҳ | А | М | ■ | Т | А | В | А | Ҷ | Ҷ | У | Ҳ |

# ҶАМЪБАСТИ ОЗМУНИ ҲХДТ






Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ва ТҶҶ «Созандагони Ватан»-и Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон байни хонандагони мактаб, донишҷӯён ва журналистон таҳти унвони "Ояндаро бо ҳам месозем" аз рӯи се бахш (номинатсия)- расми беҳтарин (байни хонандагони мактабҳо), иншои беҳтарин (байни донишҷӯён) ва лавҳа (ролик)-и беҳтарини радиёӣ, телевизионӣ, интернетӣ (байни журналистон) озмун эълон намуда буд, ки онро рӯзи 27 феврали соли равон бо баргузории як консерти идона дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев ҷамъбаст кард.

Дар ин маросим намояндагони воломақоми як қатор корхонаву идораҳо, як зумра шоирону ҳунармандон ва устодону донишҷӯён ширкат доштанд.

Дар оғоз Рано Бобоҷониён, муовини Раиси ҲХДТ ҳозиринро бо фарорасии фасли зебои сол-баҳор ва идҳои дар пешистода аз ҷумла, Иди бонувон ва Наврӯз табрик намуд. Мавсуф таъкид сохт, ки ҲХДТ ҳизби мардумӣ буда, ҳамеша баҳри пешрафту шукуфоии Тоҷикистони азиз талош хоҳад кард. Номбурда ҳамчунин ҷавононро нерӯи созанда арзёбӣ намуда, гуфт, киояндаи миллату давлат дар дасти онҳост ва ҷавонон бояд ба қадри оромиву суботи кишвари азизи хеш бирасанд ва баҳри пойдориву мустаҳкамии он сайъу талош биварзанд.

Қобили қайд аст, ки дар ин маросими бошукӯҳ ғолибони ҷойҳои намоёни озмун бо туҳфаҳои арзандаи ҲХДТ қадр карда шуданд. Инчунин ба ҷуз аз ғолибони озмуни мазкур муалифони 11 акси беҳтарин бо туҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида шуданд.

Дар идомаи чорабинӣ овозхонҳои шинохтаи ҷумҳурӣ табъи ҳозиринро бо барномаи консертӣ болида сохтанд.

**«МХ»**

**Аҷоиботи парлумон дар ҷаҳон**

## ВОҚЕАҲОИ АҶИБ АЗ ҲАЁТИ ПАРЛАМЕНТЁРҲОИ ҶАҲОН

### Вакил "илтимос" намекунад

Соли 2003 вакили парлумони иёлати Австралияи Ҷанубӣ Кэрлин Мэйуолд ба як вазир бо чунин савол муроҷиат кард: "Илтимос, бигӯед, ки шумо нақшаҳои худро ба аҳли ҷомеа чӣ тавр расондан мехоҳед?". Раиси парлумон ба вазир барои посух додан рухсат надода,



эрод гирифт, ки дар ин савол барои вожаи "илтимос" ҷой нест. Зеро ки вакили парлумон аз ҳеҷ кас "илтимос" намекунад. Маълум гардид, ки ин қойида ҳанӯз дар нахустин дастури кории ин парлумон навишта шудааст.

### Шоколад барои вакилон

Узви ҳизби ҷумҳурихоҳони ИМА Ҷорҷ Мёрфи, ки соли 1965 вакили сенат шуд, одати аҷибе дошт: ҳамчун дӯстдори ашаддии ширинӣ ӯ дар мизи худ доимо шоколад нигоҳ медошт ва дигар сенаторҳоро низ бо конфет зиёфат мекард. Бархе аз вакилон дар кори пурра кардани мизи ӯ бо шоколад саҳм мегузоштанд. Пас аз истеъфои Мёрфи ин анъана фаромӯш нагардид ва ҳар сенатори навинихобшудае, ки дар мизи кории Мёрфи қарор мегирифт, уҳдадор мегашт, ки сари вақт онро бо шоколад пур кунад. Яъне ширин кардани даҳони вакилони сенат давом дорад.Танҳо як вакил - Рик Санторум соли 1997 аз ин кор даст кашид. Пас аз ин ширкатҳои гуногун байни худ сабқат гузаронданд ва ҳуқуқи бо шоколад таъмин намудани мизро барои даҳ соли минбаъда ширкатҳои Hershey и Just Born соҳиб шуданд.



## ЭЪЛОН

Иҷрочиёни суди н. Синои ш. Душанбе савдои оммавӣ нисбати автомашинаи тамғаи **"ВАЗ- 21093"** соли бароришаш - **2003,** арзишаш **6000**- сомонӣ, музояда эълон менамояд.

Музояда санаи **16. 03. 2015**, соати **10. 00** дар бинои суди н.Синои шаҳри Душанбе, утоқи №34, кӯчаи Маяковский - 32 "а" баргузор мегардад.

Хоҳишмандон барои гирифтани маълумоти иловагӣ ва ба расмиятдарорӣ бо мақсади иштирок дар музояда ба иҷрочиёни суди н.Сино бо суроғаи дар боло зикргардида муроҷиат намоянд.

**ТЕЛ: 235- 21- 70**

## "ОРОМ БОШ!"– ДАВОИ РУСӢ БО НОМИ ТОҶИКӢ

**ХОБАТОН НАМЕБАРАД? ЗУД АСАБОНӢ МЕШАВЕД? ФАРОМӮШХОТИРӢ ТАШВИШАТОН МЕДИҲАД?**




Пас давои таъсирбахши **"Ором бош!"** барои шумост! Оре, чунин давое бо номи тоҷикӣ вуҷуд дорад ва он бо фармоиши ширкати дорусозии Тоҷикистон аз ҷониби дорусозони рус истеҳсол гардид. Қаблан ин даво дар бештар аз 40 муассисаи табобатӣ ва илмии Федератсияи Россия мавриди тадқиқу омӯзиш қарор гирифта, сазовори баҳои баланд гаштааст.

Таъсири **"Ором бош!"** хеле гуногун аст. **"Ором бош!"**: **бехобиро аз байн бурда, хобро мӯътадил месозад; рӯҳ ва асаби шахсро оромиву осудагӣ мебахшад; хотираро қавӣ мегардонад; раванди азёдкунӣ ва омӯзишро беҳтар менамояд. Таркиби набототии он стресс(тарсу ваҳм)-ро монеъ мегардад.**

Дар таркиби **"Ором бош!"** спирт ва қанд мавҷуд нест, бинобар ин, истеъмоли он барои гирифторони бемориҳои диабет, атеросклероз, фарбеҳшавӣ ва занҳои ҳомила зарур ва мумкин аст. **Тарзи истеъмол:** аз 12 сола боло ба ҳамаи сину сол рӯзе се маротиба 15-20 чакра. **Нархи фурӯш аз 25 то 27 сомонӣ. АЗ ДОРУХОНАҲО ДАСТРАС НАМОЕД!**

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шартномаи хариду фурӯши хона таҳти рақами 6Д-1076 аз санаи 19.03.1991, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 75, хонаи 11 мансуб ба Сухарикова Галина Леонидовна, бинобар сабаби гум шуданаш эътибор надорад.



## "ИДЕАЛ" - дар ҳақиқат хароб мешавед!

"Идеал" -фитомаҷмӯи гиёҳӣ буда ба ҷабидани равған дар организм монеа мешавад, **холестеринро аз меъда бароварда ба таҷзияи он мусоидат мекунад;**

**- таъсири нарми дарунронӣ дорад;**

**- хориҷшавии моддаҳои зарароварро аз организм метезонад;**

- Боз аҷоиботи **"Идеал"** дар он аст, ки он на танҳо вазнро кам мекунад, балки ҳусну зебоии танро ба меъёр меоварад. Дар интернет "Идеал"-ро ҷӯё шавед ва худ шоҳиди таъсирнок будани он гардед.

**ИСТИФОДА:** Аз 10 сола боло ва ба ҳамаи синну сол (марду-зан) аз 1-то 3 донача 1 бор дар як рӯз шабона ҳангоми хӯрок, давомнокӣ аз 30 то 60 рӯз. **АЗ ДОРУХОНАҲОИ ШАҲР ПУРСОН ШАВЕД!**

### ГУРДААТОН САНГ ДОРАД?

## ПРОЛИТ СУПЕР БА ШУМО КӮМАК МЕКУНАД!




**- ин маҷмӯъ шафоатест барои:**

**-пора намудан ва аз гурда бо нармӣ берун баровардани сангу қум;**

**-зидди илтиҳоб ва шамолхӯрии гурдаҳо истифода бурда мешавад.**

**-таркиби антисептикӣ ва антибактериалӣ дорад.**

Таъсироти асоси натиҷаовари он; хунукии гурда, инфексия, ва аз байн бурдани сангу қум. Бемороне ки тавассути **"Пролит супер"** табобат гирифтаанд, онро ҳамчун воситаи таъсирбахш бар зидди бемориҳои дар боло ёдовардашуда баҳо додаанд. Бо ҳисоботи идораи маркетологии байнидавлатӣ- **"DSEM grup"** аз рӯи фурӯши (дар системаи урология)ҷаҳонӣ, пролит супер дар зинаи аввал қарор дорад.

**Нархи фурӯш: 66 сомони. АЗ ДОРУХОНАҲО ХАРИДОРӢ НАМОЕД!**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

**Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат:** Хусрав Дӯстов

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Ҷумъа Қуддус, Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир,
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 49234 нусха**

